Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

21 апрели соли 2021. Чоршанбе № 32 (14733)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

Пас аз ташрифи Президент...

ҶАВОНОНЕ, КИ ТАЪЛИМОТИ ИМОМ БУХОРИРО ОМӮХТААНД, БА РОҲИ БАД НАМЕРАВАНД

Яке аз ҳамзамононӣ Имом Бухорӣ Яҳё ибни Ҷаъфар мегӯяд: «Агар қудрат медоштам, умри Муҳаммад ибни Исмоили Бухориро зиёда мекардам. Зеро фавти ман марги як нафар аст, фавти Муҳаммад ибни Исмоил бошад, даргузашти илм маҳсуб мегардад». Мӯсо ибни Ҳорун Ҳаммол бошад, гуфтааст: «Фикр мекунам, агар кулли аҳли ислом хоҳанд, ки боз як шахси ҳаммонанди Муҳаммад ибни Исмоилро офаранд, аз ӯҳдаи ин кор баромада наметавонанд».

Воқеан, ниёи мо Имом Бухорӣ раҳматуллоҳи алайҳ аз ҷониби олами ислом ҳамчун «Амиралмӯминин фил ҳадис» – «дар илми ҳадис амири мӯъминон», «Шайхул ислом», «устоди мусалмонон» шинохта шудааст. Ҳамаи ин бехуда нест. Агар гӯем, ки барои ба ин поя расидани ниёи мо тақвои ин зоти шариф, парҳезкорӣ ва амонатгузорӣ барин фазилатҳояш, саҳми бузургу беқиёсаш ба илми ҳадис сабаб шудаанд, муболиға намешавад.

Аллоҳи таъоло дар каломи худ чунин марҳамат кардааст:

«Оллоҳ аз шумо ононеро, ки имон овардаанд ва илм ато кардаанд, ба мартабаи бузург мебарорад» (Сураи Мучодала, ояти 11).

Аллоҳи таъоло дар ин дунё номи Имом Бухориро, ки пешоҳанги замони худ дар илм, зуҳд ва тақво будааст, мукаррам кардааст. Ҳадисҳое, ки Имом Бухорӣ ҷамъ овардааст, ба инсон хислатҳои интихоби роҳи дуруст, ба ҷо овардани эҳтироми падару модар, ҳалолкорӣ, кушодадилӣ, накӯкорӣ ва ба фармудаҳои Худованд итоаткориро талқин мекунанд.

Бо назардошти ҳамаи ин ва ташаббуси Сарвари давлатамон барои дар кишвари мо омӯхтани мероси илмии Имом Бухорӣ корҳои зиёде амалӣ мешаванд. Аз ҷумла, Мактаби илми ҳадис, Марказӣ байналхалқии илмиву тадқиқотии Имом Бухорӣ ва дар Ӯзбекистон Маркази тамаддуни ислом бунёд гардиданд. Инак, аз як ҷониб бо назардошти хидматҳои Имом Бухорӣ маҷмӯаи ёдгории махсус, аз ҷониби дувум барои зоирон маскане, ки дорои тамоми шароитҳо мебошанд, бунёд карда мешаванд.

Президенти кишвар ҳангоми ташрифаш ба вилояти Самарқанд аз Маҷмӯаи ёдгории Имом Бухорӣ боздид кард. Роҳбари давлат бо лоиҳаи наве, ки сазовори саҳми беқиёси ниёи бузурги мо ва шуҳрати ба ҳуд хосу арзандаи ӯст, шинос гардид. Фикру ақидаи пирон, уламо, депутатҳои ноҳия ва шаҳр, намояндагони ҷамъиятеро, ки дар чорабинӣ ҳузур доштанд, шунид ва оғоз ёфтани сохтмони маҷмӯаи навро эълон кард.

Дар маҷмӯаи нави ёдгорӣ барои зоирони миллӣ ва хориҷие, ки сафашон торафт меафзояд, тамоми шароитҳо фароҳам оварда мешаванд. Танҳо саҳни дохилии масҷиде, ки ба таркиби маҷмӯа дохил мешавад, беш аз ду ҳазор метри мукааб мебошад. Дар масҷид ва саҳнаҳои атрофи он дар як вақт чандин ҳазор мусулмон метавонанд намоз гузоранд. Шароити зиёрати қабри Ҳазрат Имом Бухорӣ низ беҳтар мегардад.

Ҳамчун нишони эҳтироми халқи мо ва ҷомеаи ҷаҳон бо изни Оллоҳ ва хоҳишу иродаи халқамон ба хотираи ин инсони бузург оғоз ёфтани сохтмони маҷмӯа дар рӯзҳои моҳи мубораки Рамазон ба мо умед мебахшад, ки ин корҳои некро Офаридгор дастгирӣ мекунад.

Дар оғози чорабинӣ Шавкат Мирзиёев мӯъмину мусулмонон, кулли мардуми Ӯзбекистонро бо моҳи шарифи Рамазон муборакбод карда, изҳор дошт: «Моҳи рамазон айёми муқаддасест, ки ниятҳои нек ичобат мешаванд. Дар ин моҳ ибтидо гирифтани сохтмони ин маҷмӯа умедворем, ки кори хайр мешавад, бахосият мегардад ва ба қалбҳоямон таскин мебахшад. Мақсад аз амалҳое, ки дар ин соҳа ба ҷо меоварем, ифодаи эҳтироми мо нисбат ба ниёгони алломаамон мебошад. Барои мо сазовори гузаштагони ҳуд будан вазифаи хеле бузург аст», – гуфт Президент.

Зикр гардид, ки соли 2020-ум бинобар пандемия зарур омад амалҳои диниро дар моҳи Рамазон дар хонаҳои ҳуд ичро кунем. Имсол бошад, масҷидҳоямон бозанд, мӯъмину мусалмонҳо бо қатъиян риоя кардан ба қоидаҳои карантин ибодатҳои ҳудро адо менамоянд.

«Чаҳор соли ҷустуҷӯ, навсозӣ ва имтиҳонҳоро паси сар кардем, соҳиби таҷрибаи бузург шудем. Корҳои мо, ки барои ба ҳаёти ҳуд розӣ кардани халқамон нигаронида шудаанд, минбаъд низ идома меёбанд. Ғояҳои олиҷаноби моҳи Рамазон, амалҳои муқаддаси он ҳам барои ба амал татбиқ гардидани ин мақсадҳои неки мо заминаи мустаҳкам мегарданд», – гуфт Сарвари давлат.

Бо мақсади ба роҳ мондан ва мустаҳкам кардани ҳамкориҳои диниву маърифатии байни давлатҳои Осиёи Марказӣ – Ӯзбекистон, Тоҷикистон, ҳамчунин Афғонистон 15 марти соли 2021-ум дар шаҳри Самарқанд дар мавзӯи ҷиҳатҳои ба ҳуд хоси мероси Имом Бухорӣ конфронси байналхалқӣ баргузор шуда буд.

Вазири иршод, ҳаҷ ва вақфи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Муҳаммад Қосим Ҳалимӣ, ки дар ин анҷумани байналхалқӣ ба сухан баромад, зикр кард: «Ӯзбекистон кишварест, ки ҳар як мусалмони сайёра ба зиёрати ин диёри муборак саъй мекунад. Мо мақбараи Имом Бухории раҳматуллоҳи алайҳро зиёрат кардем. Моро корҳои азими ободонӣ, ки дар ин ҷойи муқаддас амалӣ мешаванд ва ба беш аз пеш обод кардани он нигаронида шудаанд, бағоят хушнуд сохтанд. Ҳамаи ин корҳои нек барои амалӣ гардидани орзуву умедҳои ҷаноби Президент Шавкат Мирзиёев, ки бахри беш аз пеш обод кардани кишвар, фаровон сохтани ҳаёти халқ, тарбия намудани авлоди дорои дониш ва салоҳияти баланд, ватанпарвар, садоқатманди қадриятҳои миллӣ нигаронида шудаанд, хидмат мекунанд. Ӯзбекистон боз ба марказии илму фан табдил меёбад».

Шавкат Мирзиёев корҳоеро, ки дар маҷмӯа амалӣ мешаванд, аз назар гузаронид. Дар ин ҷо масҷиди калон, чаҳор минораи мутаносиб, айвонҳои баланд, хиёбонҳо барпо мешаванд. Барои ба зоирони бешумор фароҳам овардани имкониятҳои замонавӣ 7 меҳмонхона, 3 адад қароргоҳи автомобилҳо ва истгоҳи автобусҳо, фурӯшгоҳи бузург, бозор бунёд меёбанд. Ҳамчунин пешбинӣ шудааст, ки ошхонаҳо, растаҳои ашёи ҳунармандӣ, ҳаммом, таҳоратхона, кушишхона сохта шаванд.

Зайниддин ЭШОНҚУЛОВ,
саримом-хатиби вилояти Самарқанд.
ЎзА.

Имрӯзҳо дар ҳамаи самтҳои ҷамъиятамон фаъолнокии занону духтарон беш аз пеш меафзояд. Барои онҳоро бо шуғл таъмин намудан як қатор корҳо дар амал ичро шуданд. Дар ин ҷода ҳиссаи корхонаи «Oltinsoy Zif textile»-и ноҳияи Олтинсойи вилояти Сурхондарё калон аст. Корхона, ки соли гузашта ба кор оғоз намуда буд, барои бозори дохилӣ маҳсулоти трикотажӣ истеҳсол менамояд. Дар корхона 158 нафар олтинсойиҳо меҳнат мекунанд. 154 нафари онҳоро занону духтарон ташкил медиҳанд. Коргарон бо шароити муносиб ва қулаиҳо таъминанд.

Дар сурат: *дар корхонаи «Oltinsoy Zif textile».*

Суратгир: Ҷ.ҚӮЗИМУРОДОВ (ЎзА).

ПАХТА НЕШ ЗАД

Деҳқонони ҳудуди Вардонзе бобати парвариш ва рӯёндани ҳосили фаровони пахтаю ғалла на фақат дар ноҳияи Шофиркон, балки дар вилоят низ мақоми махсус доранд.Солҳои зиёд аст, ки онҳо дар ин бора пешқадам буда, бобати зироатпарварӣ ба мактаби таҷрибаи хеш соҳиб шудаанд.

Имсол 73 хоҷагии фермерии ҳудуд дар 1412 гектар майдон пахта корида, барои дастраскунии ҳосили фаровон азму кӯшиш доранд. Дар ин хоҷагиҳо мавсими пахтакорӣ дар арафаи анҷомёбист. Дар 65 гектар майдони пахтаи хоҷагии фермерии шӯҳратманди «Азим-Шофиркон юлдузи», ки раҳнамои он Қаҳрамони Ӯзбекистон Азим Латифов мебошад, аллакай, ниҳолҳои мурғаки пахта сар то сар неш зада баромадааст ва ҷараёни тадбири навбатӣ оғоз меёбад.

Инчунин, дар хоҷагиҳои фермерии «Тӯрабек-Лутфулло», «Муродҷон-2018» низ рафти корҳо табъи дил сурат мегиранд.

Дирӯз мутасаддиёни соҳа таҳти роҳбарии ҳокими ноҳия Шукрулло Ҳакимов ин ҷо ҷараёни корҳоро дида, қаноатманд шуданд.

А. АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

«Мӯъҷизае дар биёбон»

ЛОИҲАИ АВВАЛИНИ САРМОЯГУЗОРӢ

Заводи азнавкоркарди гази Қандим корхонаи бузурги истеҳсолие ба ҳисоб меравад, ки дар ҳудуди биёбони вилояти Бухоро сохта шудааст. Заводи мазкур низ бо зебоиву замонавӣ буданаш касро ба ҳайрат меорад. Гарчанде шахси оддӣ ҷараёни кори онро нафаҳмад ҳам, дарк намудани гуногунии дастгоҳҳо, ба ҳамдигар вобаста будани онҳо душвор нест. Аз ин рӯ, вай наметавонад ба маҳорати онҳое, ки «Мӯъҷизае дар биёбон» офаридаанд, мафтун нашавад...

Дар сайри матбуотие, ки Вазорати энергетикаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ҳамкорӣ бо ҶММ «ЛУКОЙЛ Узбекистан Оперейтинг Компани» барои намояндагони ВАО ташкил кард, имкониятӣ шинос шудан бо фаъолияти «Мӯъҷизае дар биёбон» фароҳам оварда шуд.

Дар он мутахассисон ба иштирокчиён дар бораи сохтмони корхона, равандҳои истеҳсолӣ, дастовардҳо ва нақшаҳо маълумот доданд.

Маросими кушоиши расмии заводи бузург, ки дар асоси лоиҳаи якуми сармоягузории ҷалбшуда дар кишвар сохта шудааст, 19 апрели соли 2018 ба амал омадааст. Дар он Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ширкат варзид.

Сохтмони ин завод, ки арзиши умумиаш 3,5 миллиард долларро ташкил медиҳад, лоиҳаи бузургтарини ширкати нафти «ЛУКОЙЛ» дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон мебошад. Ин иншооти бузург дар ноҳияи Қарокӯли вилояти Бухоро зарфияти дар як сол истеҳсоли 8,1 миллиард метри мукааб газро дорад.

Ин маҷмӯи азим бо масоҳати беш аз панҷоҳ гектар, маҷмӯи беназир бо инфрасохтори муосири муҳандисӣ ва технологии баланд буда, дорои 2 хатти технологӣ бо зарфияти 4,05 миллиард метри мукааб мебошад. Дар маҷмӯи мазкур газ, конденсати гази устувор ва сулфур истеҳсол карда мешавад.

Дар ин ҷо иншооти то бунёди завод мавҷуд, низоми обтаъминкунии беруна (55 км), подстансияи барқӣ ва хатҳои интиқоли барқ (268 км), низомҳои газҷамъкунӣ, шаш майдончаи чоҳҳо, 71 чоҳ, қубури гази содиротӣ (70 км), шоҳроҳҳо сохта шуданд. Дар корхона ҳудуди ду ҳазор нафар кор мекунанд.

Бино ба иттилои сайри матбуотӣ аз ҷониби ширкати нафти «ЛУКОЙЛ» бори аввал дар Ӯзбекистон технологияҳои инноватсионии ширкатҳои машҳури ҷаҳон ҷорӣ шудааст. Ҷолиби диққат аст, ки бори аввал дар мамлакати мо завод 3 раванди литсензия дорад, яъне тоза кардани қисмҳои таркибии кислотадор бо истифода аз ҳалкунандаи амин OASE: tm: (BASF, Олмон), SELEXOL:tm: (UOP, UK) тозакунии газҳои барқ-ароркунанда ва SUPER-CLAUS:registered: (JACOBS, Нидерланд) равандҳои технологии истеҳсоли сулфур аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Дар ҷараёни шиносоӣ бо заводи аз маҷмӯи бузурги дастгоҳҳо иборат мутахассисон ба саволҳои иштирокчиён посух доданд. Бинобар гуфтаи сармутахассиси шӯъбаи технологии корхона Улуғбек Ҷумъаев, ки ҳамроҳи мо буд, барои коркарди гази табиӣ ва истихроҷи маҳсулоти сулфур таҷҳизот ва нерӯҳои иловагӣ лозиманд.

— Завод дар асоси тамоми таҷҳизоти пешрафта кор мекунад, — гуфт Улуғбек Ҷумъаев. — Системаи бехатарии корхонаи мо аз якчанд марҳила иборат буда, ба стандартҳои навтарини ҷаҳонӣ пурра ҷавобгӯ мебошад. Яке аз хусусиятҳои газ консентратсияи баланди пайвастагиҳои сулфур мебошад.

Пас аз он ба мо муяссар шуд, ки бо теппаҳои квадратии «нурии зард» – макони нигоҳдории маҳсулоти сулфури аз гази табиӣ ҳосилшуда шинос шавем.

— Дар раванди азнавкоркарди газ аз он сулфури моеъ ба даст оварда мешавад. Моеъи зард, яъне ашёи хоми сулфур тавассути кубурҳо ба ҳамон манзил рехта мешавад. Дар ин ҷо ашёи хоми фишурдаи сулфур барои истеҳсолоти кимиё фиристода мешавад. Ҳаҷми истеҳсоли сулфур дар як шабонаруз 600 тоннаро ташкил медиҳад, — гуфт директори корхонаи коркарди гази Қандим Артём Аҳмадов. — Бояд қайд кард, ки корхонаи коркарди гази Қандим дар соҳаи нафту гази Ӯзбекистон мавқеи махсус дорад, ки дар давоми он ҳаҷми истеҳсоли газ 21,3 миллиард метри мукаабро ташкил дод.

Дар комёбиҳо оид ба истеҳсолот ҷамоаи лабораторияи завод саҳми сазовор мегузорад. Сардори лаборатория Владислав Ерофеев ба журналистон дар бораи ҷадвали корӣ, ҳадафҳо ва вазифаҳо маълумот дод.

— Дар лабораторияи мо маҳсулот доимо аз роҳи химиявӣ ва таҳлилӣ санҷида мешаванд, — гуфт В. Ерофеев. — Дар баробари ин, мо ашёи хоми техникӣ, гази табиӣ, гази конденсат, инчунин оби барои истеҳсолот зарурӣ ва сифати онро таҳлил мекунем. Дар ин кор 58 нафар кормандони лабораторияи мо ширкат доранд.

Хулоса, ин нерӯҳо, ки ҳамчун «мӯъҷиза дар биёбон» дар регзори ноҳияи Қарокӯл эътироф шудааст, на танҳо барои рушди инфрасохтори минтақа, балки барои таъмини шуғли аҳолӣ дар вилояти Бухоро низ муҳим аст.

Насиба ЗИЁДУЛЛОЕВА,
мухбири ЎзА.

ДАР НИДЕРЛАНДИЯ ХОНАИ САВДОИ ЎЗБЕКИСТОН КУШОДА МЕШАВАД

Сафири Ӯзбекистон дар мамлакатҳои Бенилюкс Дилёр Ҳакимов бо сармоягузороне, ки аз кушодани хонаи савдои Ӯзбекистон дар Нидерландия ва афзоиши содироти маҳсулоти миллии Ӯзбекистон манфиатдоранд — директори ширкати “AgriFood NL LTD” Теричалай Аҳмадӣ ва директори генералии ширкати “Contemporary Dutch BV” Маннон Ҳотак мулоқот кард.

Шарикони хориҷӣ эътироф карданд, ки фаъолнокии соҳибкорӣ, ки соли 2020 дар Ӯзбекистон оғоз ёфтааст, идома доранд ва ин натиҷаи амалии ислоҳоти куллие, ки таҳти роҳбарии сарвари давлат дар тамоми соҳаҳо татбиқ мегарданд, инчунин пешниҳоди ҷанбаи васеъи имкониятҳо барои соҳибкорон ва сармоягузорони кишварҳои хориҷӣ мебошад.

Онҳо изҳор намуданд, нақшаи дар Нидерландия боз намудани хонаи савдои Ӯзбекистонро доранд ва доираи номгӯи молҳои Ӯзбекистонро, ки дар бозорҳои Аврупо ба он талабот зиёд аст, тавсеа диҳанд.

Сармоягузороне, ки дар бозорҳои Аврупо ва ҷаҳон таҷрибаи бой доранд, зарурати афзоиши содироти маҳсулоти Ӯзбекистонро ба ИА, пеш аз ҳама, эътибор додан ба сифат ва тозагии биологии маҳсулот таъкид карданд.

Шарикони Нидерландия омодагии худро барои ташкили лабораторияи замонавӣ барои стандартикунонӣ мутобиқи талаботи сифати аврупоӣ ва тозагии биологии маҳсулоти хӯрокворӣ, инчунин тайёр кардани мутахассисони ӯзбек дар ин самт изҳор намуданд.

«Таъсиси лабораторияҳо на танҳо барои мо, балки барои бисёр дигар содиркунандагон ба мисли мо муҳим хоҳад буд», – гуфт Теричалай Аҳмадӣ, ки дар тӯли панҷ соли охир бозори дохилӣ ва хориҷии Ӯзбекистонро омӯхтааст.

Намояндагони Нидерландия сармоягузорони Ӯзбекистонро ба ҳамкорӣ барои ташкили лаборатория даъват карданд.

Дар натиҷаи гуфтушунидҳо дар бораи ифтитоҳи расмии хонаи савдои Ӯзбекистон дар Нидерландия дар рӯзҳои наздик ва муаррифии маҳсулоти миллии Ӯзбекистон дар марҳилаи аввал созиш ба даст оварда шуд.

Таъкид бояд кард, ки “AgriFood NL LTD” дар соли 2019 ба вилояти Тошканд барои коркард, бастубандӣ ва содироти меваҳои хушк ва лӯбиёгӣ ба кишварҳои аврупоӣ сармояи зиёдеро ҷалб кардааст.

ИА «Дунё»,

АМСТЕРДАМ.

Фикри депутат

БАРОИ ЗИСТ САРПАНОҲ ДОШТАНИ ИНСОН ХУШБАХТИИ БЕБАҲОСТ

Ҳамчун намояндаи халқ мехостам таъкид намоям, ки нисфи муроҷиатҳои хаттии шаҳрвандон, ки дар вохӯриҳо бо интихобкунандагони ҳавза ба миён мегузоранд, ба соҳиби манзил шудан марбут мебошад. Албатта, ин яке аз мушкилоти ҷиддии аҳолии ба он эҳтиёҷдошта ба ҳисоб меравад. Инсон барои зист сарпаноҳ надошта бошад — ҳеҷ гоҳ комилан хушбахт буда наметавонад. Хусусан барои халқи мо, ки соҳиби «ватани хурд» буданро арзиш меҳисобад.

Дар натиҷаи сиёсати халқпарваронаи Президент солҳои охир дар мамлакати мо, алалхусус барои ниёзмандон, маъюбон, шахсони ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷманд бо нарҳҳои арзон ва дар асоси шартҳои имтиёзнок манзилҳо сохта мешаванд.

Ин масъалаи муҳим бори дигар дар ҷамъомади видеоселекторӣ оид ба сохтмони манзил ва чорахои рушди бозори ипотека, ки таҳти раёсати Президент Шавкат Мирзиёев 3 марти соли равон баргузор гардид, бори дигар амиқ мавриди муҳокима қарор гирифт.

Зикр гардид, ки соли равон бо хонаву ҷой таъмин намудани 54 ҳазор оила ба нақша гирифта шудааст. Аз ҷумла, дар доираи барномаи ипотекаи давлатӣ дар маҷмӯъ 45000 хона сохта мешавад. Аз ин миқдор 12 000 манзил аз ҷониби ширкатҳои инжинирингии «Қишлоқ қурилиш инвест» ва «Ӯзшаҳар қурилиш инвест», 26 500 манзил аз ҳисоби захираҳои аз ҷониби Вазорати молия ба бонкҳои тиҷоратӣ ҷойгиркардашуда ва 8000 хонадон аз ҷониби соҳибкорони хусусӣ ба истифода дода мешаванд. Дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва дар ҳамаи вилоятҳо барои сохтмони манзили иншифродӣ ба 500, дар маҷмӯъ 6,5 ҳазор оила қарз дода мешавад. Гайр аз ин, ба ҳазор оила, алалхусус заноне, ки бинобар шароити вазнини зиндагӣ бесарпаноҳ мондаанд, дар асоси иҷора манзилҳои иҷтимоӣ дода мешаванд.

Ҳамзамон, пешбинӣ шудааст, ки ба шаҳрвандон барои сохтмон ва таҷдиди хонаҳои инфиродӣ қарз дода шавад. Чунин қарзҳо ба 20 сол ҷудо карда шуда, як қисми фоизҳо ҳамчун субсидия барои аҳолии ниёзманд пардохта мешавад.

Маълум аст, ки дар бобати манзилҳои ба оилаҳои ниёзманд ҷудомешуда дар баъзе ҳолатҳо шаҳрвандон оид ба «соҳибони воқеӣ»-ашонро наёфтани хонадон эътироз менамоянд.

Бо мақсади пешгирии чунин ҳолатҳои номатлуб пешниҳод карда шуд, ки бо иштироки вакилони Шӯроҳои маҳаллӣ, фаъолони ҷамъият «комиссияи халқпарвар» таъсис дода шавад. Онҳо аз болои ҷудо кардани одилонаи замин ба бинокор, ташаккул додани рӯйхати оилаҳои ниёзманд ба имтиёз ва сифати сохтмон назорати ҷамъиятӣ барқарор мекунанд. Дар маҳаллаҳо оиди имкониятҳое, ки дар ин самт фароҳам оварда шудаанд, ба аҳолии васеъ корҳои тарғиботӣ мебаранд.

Ҷиҳати дигари муҳимаш он аст, ки бо ин роҳ шуғли чӣ қадар аҳолӣ таъмин карда мешаванд. Охир, ин майдонҳои сохтмонӣ садҳо ҳазор нафарро бо кор таъмин мекунанд.

Ғайр аз ин, мутаносибан ба мураккабии ҷараёни гирифтани манзил, баланд будани фоизи қарзҳои ипотека, зиёд гардидани аҳолӣ талаби ба манзил доштаи бисёр оилаҳо сол аз сол меафзуд.

Ташаббусҳои мазкури нек сари вақт амалӣ мешаванд, дар натиҷа ҳазорон оила ба орзуҳои деринаи ҳуд ноил хоҳанд шуд. Хусусан, оилаҳои ҷавон, бо роҳи доштани хонаи ҳуд, ки ин мушкилоти бузургтарини онҳост, дар роҳи зиндагии мустақилона қадамҳои қатъӣ мегузоранд. Ин дар ниҳояти кор маъноии оилаи мустаҳкам, ҷомеаи шукуфон ва давлати пешрафтаро дорад.

Тавре донишмандонамон мегӯянд, парранда барои парвоз, одам барои хушбахтӣ офарида шудааст. Ғояи олиҷаноби сарвари давлатамон «инсон на дар оянда, балки имрӯз хушбахтона зиндагӣ кунад», дар амал исботашро дар ҳаёти одамон нишон медиҳад.

Албатта, корҳое, ки дар ин бобат анҷом дода мешаванд, ба зиммаи мо, депутатҳо низ масъулият мегузорад.

Фирдавс ШАРИПОВ,
депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис,
узви Кумитаи меҳнат ва масъалаҳои иҷтимоӣ.

ДАР НИДЕРЛАНДИЯ ХОТИРАИ 101 САРБОЗИ ЎЗБЕКИСТОНИРО, КИ ДАР ҶАНГИ ДУЮМИ ҶАҲОН ҲАЛОК ШУДААНД, ГИРОМӢ ДОШТАНД

Сафорати Ўзбекистон дар кишварҳои Бенилюкс дар «Майдони шуҳрати шӯравӣ»-и шафати дар қабристону «Рустхоф» ба ёди сарбозони ўзбекистоние, ки 9 апрели соли 1942 аз ҷониби фашистон дар конслагери "Амерсфорт" (Нидерландия) қатл карда шудаанд, чорабинии ёдбуд ташкил кард.

Дар ин чорабинӣ шаҳрдори Люсден Геролф Бувмейстер, муовини шаҳрдори Амерсфорт Кес Краанен, раиси Фонди «Майдони шуҳрати шӯравӣ» Алекс Энгберс, директори Фонд Ремко Рединг ва намояндагони сафорати Русия дар Нидерландия ширкат варзиданд.

Маросим аз маҷмӯи ёдгории "Майдони шуҳрати шӯравӣ" оғоз ёфт, ки дар он ҷо ба пояи мучассамае, ки ба хотираи қурбониёни Ҷанги дуюми ҷаҳон гузошта шудааст, гулчанбарҳо гузошта шуданд.

Маҷмӯъ 18 ноябри соли 1948 кушода шудааст. Дар ин ҷо 865 нафар сарбози собиқ Иттиҳод дафн карда шудаанд, ки ба хотираи ҳар яке санги мазор гузошта шудааст. Аммо на ҳамаи онҳо номи сарбози дафншударо доранд, баъзеҳо танҳо рақамҳо ва навиштаҷоти «Сарбози номаълуми шӯравӣ»-ро доранд. Инҳо сарбозоне мебошанд, ки дар Иттиҳоди Шӯравии собиқ, аз ҷумла, Ўзбекистон бедарак ҳисобида мешаванд ва дар байни онҳо 101 нафар

сарбозони ўзбекистонӣ ҳастанд.

Тибқи маълумоти таърихӣ, тирамоҳи соли 1941 сарбозони асири ўзбекистониро ба конслагери "Амерсфорт"-и Нидерландия, ки фашистон ишғол карда буданд, бурданд. Аз саду як маҳбус, 24 нафарашон дар зимистони соли 1941 қурбони шиканҷа ва беморӣ шуданд. 77 нафарро субҳи барвақти 9 апрели соли 1942 ба ҷангали наздиктарин бурда, парронданд. Ин бузургтарин қатли ом дар Нидерландия дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ буд. Баъдтар, дар ҷойи қатл муҷассама гузошта шуд. Даҳ сол аст, ки намояндагони аҳли ҷомеаи Нидерландия маросимҳои ёдбуди сарбозони ўзбекистониро баргузор мекунанд.

Пас аз баргузории чорабинӣ иштирокдорон ба ёдгории миллии «конслагери Амерсфорт» рафтанд ва аз маҳалли қатли сарбозони ўзбек дидан карданд. Дар ин ҷо ба пояи ёдгорӣ гулҳо гузошта шуданд.

Аввалин ташаббус барои маълум кардан ба мардум дар бораи сарнавишти 101 сарбози ўзбек, ки аз ҷониби фашистон дар конслагери Амерсфорт кушта шуданд, ба директори "Майдони шуҳрати шуравӣ" Ремко Рединг таалуқ дошт. Вай зиёда аз 20 соли ҳаёти худро ба ин кори хайр бахшидааст.

Бо талошҳои Ремко Рединг сарнавишти ҳайратангези 101 сарбози ўзбекистонӣ, ки дар давраи ҷанг ба конслагери "Амерсфорт" бурда шуданд ва сипас ба шиканҷаи даҳшатнок ва беҳаҳмона дучор шуда, аммо нашикастанд, шаъну шараф, ғурур ва хислати инсонигариашонро нигоҳ доштанд, на танҳо дар Нидерландия ва Ўзбекистон, балки дар тамоми ҷаҳон маълуманд.

То имрӯз шумораи романҳо ва мақолаҳое, ки ба забонҳои гуногун навишта шудаанд, барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ бахшида ба ин қаҳрамониҳо аз якчанд садҳо мегузаранд.

Худи Ремко Ридинг дўсти азиз ва меҳмони доимии кишвари мо гардид. Аз ҷумла, ў борҳо ба Ўзбекистон ташриф оварда, дар чорабиниҳои бахшида ба қаҳрамонии сарбозони ўзбекистонӣ дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳон ширкат варзидааст.

Моҳи майи соли 2020 дар доираи чорабиниҳо бахшида ба 75-умин солгарди Ғалаба дар Ҷанги дуюми ҷаҳон нахустнамоиши филми бадеии «101» баргузор гардид. Маълумоти воқеӣ барои таҳияи филм аз ҷониби Ремко Рединг тақдим шудааст. Ҳоло ў бо филмсозони ўзбек филми мустанади "101"-ро ба навор мегирад.

Ғайр аз ин, корҳо оид ба татбиқи лоиҳаи муайян кардани 101 сарбози дар Нидерландия дафншуда идома доранд. Аз ҷумла, дар оғози соли 2021, хуҷҷатҳои чанд сарбози ўзбекро пайдо карданд ва кор оиди дақиқ намудани шахси онҳо оғоз ёфтааст. Дар ояндаи наздик Ремко Рединг ва ҳамкорони ў ба Ўзбекистон ташриф оварда, бо дастгирии ташкилоту муассисаҳои шарики кишварамон ҷустуҷӯро идома медиҳанд.

АИ «Дунё»,
АМЕРСФОРТ.

Дар мавзӯи муҳим

МУҲОҶИРОНИ КОРӢ БОЯД ДАР ДОИРАИ ҚОНУН МАШҒУЛИ КОР ШАВАНД

Чунин ба назар мерасад, ки баъди моҳи июн дар Русия муҳоҷирони ғайриқонунӣ ба ватанашон гуселонда мешаванд. Дар шумори умумии муҳоҷирони кории ғайриқонунӣ 322 ҳазор шаҳрванди кишвари мо низ ҳастанд. Вазорати корҳои дохилии Русия эълом доштааст, ки муҳоҷирони ғайриқонунӣ то 15 июни соли равон қаламрави ин кишварро тарк кунанд, дар акси ҳол онҳо ичборан ихроҷ карда мешаванд.

Ин масъала дар Иттиҳодияи байнипарлумонии ИДМ низ баррасӣ шудааст. Гуфта мешавад, ки ҳар як мамлакат ба шаҳрвандони худ тавзеҳ диҳад, ки дар доираи қонун ба Русия омада, машғули кор шаванд.

Ин иттилоъро Агентии муҳоҷирати кории Ўзбекистон тасдиқ намудааст ва дар пайи он афтодааст, ки ин муҳоҷирони ғайриқонунӣ ба рўйхат гирифта шаванд ва барои дар доираи қонун идома додани кори худ хуҷҷатҳояшонро расмӣ намоянд. Ба таври расмӣ муаррифӣ шудани муҳоҷирони корӣ онҳоро аз ихроҷи ногаҳонӣ ва сабти ном дар шўъбаҳои корҳои дохилии Русия раҳо мекунад.

Дар ин миён Агентии муҳоҷирати кории мамлакатамон аз тариқи шабакаи телеграми худ тавзеҳ додааст, ки Русия ба манзури он ки шаҳрвандони Ўзбекистон ба мушкилот рў ба рў нашаванд, талош дорад, ки онҳо ба ҳайси муҳоҷир мақоми қонуниро касб намоянд. Бино ба ин агентӣ моҳи апрели соли гузашта президенти Русия "Дар бораи чорабиниҳо оид ба пахши хавфи инфексияи коронавируси нав муайян намудани мақоми ҳуқуқии шаҳрвандони кишварҳои хоричӣ ва шахсони бидуни шаҳрвандӣ дар Русия" фармонеро содир намудааст.

Дар доираи ин фармон Вазорати корҳои дохилии ФР дар ҳамкорӣ бо корпусҳои дипломатии Ўзбекистон муқими ин кишвар ба беш аз панҷоҳ ҳазор нафар муҳоҷири муваққатии кории мо мақоми қонунӣ эҳдо кардааст. Дар айни ҳол низ бар асоси ин қонун шаҳрвандони мо метавонанд то 15 июни соли равон ҳузури худро аз муваққатӣ ба мақоми қонунӣ табдил диҳанд.

Чунин имконият мусоидат хоҳад кард, ки теъдоди зиёди муҳоҷирони кории ўзбекистонӣ дар Русия ба муҳоҷирони кории расмӣ табдил ёбанд. Барои ҳамин Вазорати корҳои дохилии Русия бо ҳамкории корпусҳои дипломатии Ўзбекистон феҳрасти ҳудуди 300 ҳазор нафар шаҳрванди кишварамонро тартиб кардаанд.

Тавре ки дастандаркорони Агентии муҳоҷирати кории Ўзбекистон таъкид меварзанд, дар айни ҳол ин фармони Президенти Русия дар минтақаҳо ва маҳалҳои гуногуни соири шаҳру ноҳияҳои ҷумҳуриамон, ё ба истилоҳ маҳалла ба маҳалла ва хона ба хона шарҳу тафсир карда мешавад ва ба муҳоҷирони оянда роҳҳои қонунӣ намудани ҳузурашон дар Русия тавзеҳ мегардад.

Маълум мешавад, ки ин корҳо низ самараи худро ба бор меоваранд. То кунун беш аз 200 ҳазор шаҳрвандони кишварамон аз ин қонун ва қоидаҳо огоҳ карда шудаанд. Ин раванд муваффақона идома пайдо кардааст. Он муҳоҷирони корӣ, ки аз Ўзбекистон ба Русия барои кор рафтаанд ва ҳанӯз расман муаррифӣ нашудаанд, метавонанд ба идораҳои корҳои дохилии минтақаву шаҳри наздик раванд ва расман муроҷиат карда, ҳуқуқи қонуниашонро ба даст ованд.

Муҳоҷирони корӣ бояд донанд, ки барои чунин муроҷиат ба онҳо ягон мушкилоти дигар рўйи кор нахоҳад омад, зеро дар саросари Русия аз ин фармони раисичумҳур В.Путин огоҳ мебошанд.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири "Овози тоҷик".

ХАБАРҲО

Пресс-тур дар завод

Таҳти қарори Президент дар ҳузури минтақаи озоди иқтисодии Ангрен заводи якуми резинотехника барпо ва он аз соли 2018 ба истеҳсоли қасқони резинии чарҳҳои автомобил шурўъ намуда буд.

Аз ҷониби ҶС «Ўзкимёсаноат» бо мақсади аз наздик шинос шудан ба рафти корҳо дар завод пресс-тур барои рўзноманигор ва блогерҳо ташкил карда шуд.

Таъкид ёфт дар ин ҷо чархи мошин дар 21 навъ истеҳсол ва ба Украина, Қирғизистон, Тоҷикистон барин давлатҳо экспорт карда мешаванд. Завод бо асбобу ускунаҳое, ки аз Ҷопон, Олмон, Нидерландия ва Италия оварда шудаанд, таҷҳизонида шудааст. Қасқонҳои резинии чарх барои техникаи кишоварзӣ айни замон бароварда шуда ва харидорҳои худро меёбанд. Дар шуъбаи назорати сифати маҳсулот асосан бонувон, ки қобилияти биноияшон нисбати мардҳо баландтар аст, кор мекунанд. Корҷўе, ки аз санҷиш гузашт, дар курси семоҳа ба таълими касб фаро гирифта мешавад.

Мақсад – пешгирии беморӣ

Вақтҳои охир ҳолати нави бемории коронавирус афзун гашт, ки ин ташвишовар аст. Вазъият водор сохт бо мақсади пешгирӣ ва барвақт огоҳ шудан аз сироят дарачаи гирифтани таҳлилҳои тест аз аҳолӣ дуюним баробар зиёд карда шавад.

Дар ин бобат зимни ҷамъомади комиссияи махсус директори Агентии эпидемиологӣ-осоиштагии санитарии ҷумҳурӣ Б.Юсупалиев маълум намуд. Аҳвол рўзе тақрибан панҷуним ҳазор нафар аз таҳлили тест мегузаранд, ки ин аз ҳар 100 ҳазор нафар аҳолӣ 200-торо ташкил менамояд.

Мутаассифона, аз онҳое ҳам, ки тавассути ҳавопаймову поездҳо ба мамлакатамон омадаанд, рўзе 5-7 ҳолати мусбӣ мушоҳида мегардад. Баъди таҳлили таҷлилӣ беморон дарҳол ба беморхонаҳо фиристода мешаванд. Айни замон эмкунӣ торафт суръат мегирад.

Дипломҳои сохта фош шуданд

Назар ба маълумоте, ки аз хидмати матбуоти прокуратураи вилояти Ҷиззах расидааст, дар давоми санҷише, ки дар шуъбаи таълими халқи ноҳияи Шароф Рашидов гузаронида шуд, 10 нафар муаллимоне, ки дар ягон муассисаи таълими олӣ нахондаанд, вале соҳиби диплом будаву фаъолият мебурданд, фош карда шуданд.

Ба муаллимҳои сохтаи аниқшуда Донишкадаи давлатии педагогии Ҷиззах, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тошканд, донишгоҳҳои давлатии Самарқанд ва Гулистон дипломҳои қалбакӣ додаанд.

Оиди фактҳое, ки ба назар мерасанд, мувофиқи моддаи 228-уми Кодекси ҷиноӣ (омодасозии ҳуҷҷат, штамп, муҳр, бланка, қалбакисозӣ, фурўш ё истифодаи онҳо) тафтиш пеш бурда мешавад.

М.ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

ДЕҲҚОНИ АСИЛ, МЕҲНАТКАШ ВА СЕРҒАЙРАТ

Мардуми маҳаллаи Даштисўхтаи 2-юми ноҳияи Самарқанд деҳқони пуртаҷриба Ўктам Акрамови 42-соларо хуб мешиносанд ва ҳурмат мекунанд. Ў аз деҳқонию боғбонӣ нағз хабардор аст ва то кораш табъи дил нашавад, ором намегирад. Ў асрори корро аз падараш, ки солҳои зиёд деҳқонӣ ва боғбонӣ кардааст, ёд гирифтааст.

Ўктам Акрамов 20 сол дар хоҷагии фермерии "Мароқанд" кор кард. Сипас, 15 сол боғбони идораи алақаи ноҳия буд. Ў ҳамеша барои гирифтани ҳосили хуб аз таҳти дил меҳнат мекард. Роҳбарон аз кораш розӣ буданд.

Деҳқон ба қавле замини худро "гул" кунондааст. Ў дар замини назди дарвозааш 4 гармхона дорад, ки масоҳати ҳар яки он 5/12 метр мебошад. Дар ин гармхонаҳо картошка, помидор ва қаланфури булғорӣ коридааст. Зану фарзандонаш низ ба корҳои деҳқонӣ ёрирасон ҳастанд. Ў.Акрамов ҳоло дар деҳаи Янгиариқ 1 гектар ангурзор ва 1 гектар себзор дорад. Соле аз ангурзор то 4-5 тонна ҳосил мебардорад. Себзори боғбон соли гузашта ҳосили аввалро дод.

Қаҳрамони мо ҳоло дар Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди "Келажак-пресс" деҳқонию боғбонӣ мекунад. Роҳбари корхона Акбар Маҳмудов чор сол пеш аз меҳнатдўстии вай бохабар шуда, ўро ба кор даъват кард ва аз кораш хеле мамнун.

Боғзори корхона "Келажак-пресс", ки навъҳои себи «Зелёнка", "Карлик", "Беш юлдуз", гелоси "Баҳор"-у "Шампанский" ва навъҳои гуногуни шафтолуву анҷир дорад, бо меҳнату заҳмати Акрамов ҳосилхез аст. Нигоҳубинии боғу гармхонаҳо ҳама дар ўҳдаи ў мебошад. Акрамов заминро бо насоси барқӣ обёрӣ мекунад.

– Асрори ҳосилхезии замину боғҳои зери дасти Акрамов дар чист?– мепурсем аз ў.

– Агар деҳқону боғбон корҳои заруриро сари вақт анҷом диҳад, бо меҳр кор кунад, албатта, заҳмати ў баракат меоварад, – мегўяд Ў.Акрамов. – Вақте ки ў медонад дар кадом мавсими сол бо чӣ машғул шудан лозим аст, кораш пеш меравад. Бояд дар моҳҳои ноябр-декабр заминро шудгор кард ва дар зимистон яхобмонӣ намуд. Ҳамчунин, дар моҳи январ амофос ва пору пошидан ба замин гарави серҳосилӣ мебошад.



Деҳқон бояд дар моҳи январ гармхонаро бо ду қабат плёнка пўшонад, ки ин усули гармкунӣ "Термос" ном дорад. Илова бар ин, дар ин моҳ ҷўйҳо поку тоза ва ба мавсими нав тайёр карда мешаванд.

Дар моҳи феврал шаклдиҳии дарахтҳо оғоз мегардад.

Дар моҳи март бо оҳак сафед кардани дарахтҳо хуб ast. Барои ҳосили нағз гирифтан таги дарахту токро 30 сантиметр кофта ба он калий ва амофосро омехта карда рехтан фоида медиҳад. Ин амал решаҳоро мустаҳкам мекунад. Вақте ки донаҳои ангур мисли мош мешаванд ба он доруи кимиёии "Топас" пошидан зарур аст. Ҳангоми донаҳо то андозаи нахўд калон шудан, ин амалро бояд такрор кард. Дар натиҷа ҳар як сари ангур то як кило вазн мегирад.

Доруи "Гумфос" барои ҳимоя аз ҳашарот истифода мешавад. Ин доруро ба кабудиҳо пошидан ҳам мумкин аст. Доруи "Би-58" ба меваю кабудиҳо ранги хуб медиҳад.

Ўктам Акрамов ҳамеша серкору серғайрат буда, гоҳо то нимаи шаб кор мекунад. Ба дигарон низ дар корҳои деҳқониву боғбонӣ ёрӣ мерасонад ва дуо мегирад.

Ҷамшеди АСРОР,
ноҳияи Самарқанд.

ИННОВАТСИЯ:
САМАРАНОКИИ БАЛАНДИ ИҚТИСОДӢ ВА ИҶТИМОӢ

Рақобати шадид дар раванди ҷаҳонишавӣ дар ҳама самтҳо ҷорӣ намудани навовариро тақозо мекунад. Дастовардҳои охирин, ихтироот, навовариҳо дар соҳаи илм ва техника, коркардҳои гуногун, татбиқи босуръати онҳо ба соҳаи хидматрасонӣ рушди иқтисодӣ ва рақобатпазириро таъмин мекунанд.

Фаъолияти инноватсионӣ маънои офаридани молҳои нав ё баланд бардоштани сифати маҳсулоти истеҳсолшавандаро бо роҳи ҷорӣ намудани дастовардҳои пешқадами илм ва техника ба раванди истеҳсолот бо мақсади ба даст овардани самаранокии баланди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дорад. Ҳамзамон, ин мафҳум кашфиётҳо, офаридани наслҳои нави техника ва технологияҳо, татбиқи дастовардҳои навтаринро дар истеҳсолот дар бар мегирад.

Дар як қатор минтақаҳои мамлакати мо оид ба ҷорӣ кардани технологияҳои инноватсионӣ, рушди фаъолияти марказҳои инноватсионӣ, офаридани дастовардҳои илмӣ тадбирҳо андешида мешаванд. Дар ин самт, дар баробари истифодаи самараноки таҷрибаи кишварҳои пешрафта, сармоягузориҳое, ки барои иҷрои вазифаҳои мушаххас нигаронда шудаанд, дар оянда низ натиҷа хоҳанд дод. То имрӯз барои ҷавонон тамоми шароит ва қулайиҳои зарурӣ фароҳам оварда шудаанд, ки технологияҳои пешрафтаро омӯзанд ва дар заминаи онҳо таҳқиқоти илмӣ анҷом диҳанд.

Дар қарори Президенти кишвар «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба фароҳам овардани шароит барои рушди соҳибкории фаъол ва фаъолияти инноватсионӣ» аз 5 майи соли 2018 ба дастгирии ҳамаҷониба ва ҳавасмандгардонии соҳибкории фаъол, ҷорӣ намудани ғояҳои инноватсионӣ ва технологияҳо, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои рушди босуръати илм ва фаъолияти инноватсионӣ, ки имконияти баланд бардоштани иқтидори иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо, таъмини афзоиши устувори сатҳи зиндагӣ ва некўаҳволии аҳолиро фароҳам меорад, эътибори ҷудогона дода шудааст.

То имрӯз дар қисмати қаламравҳо корҳои дахлдор анҷом дода шудаанд. Ҳамин тавр, вазифаҳои асосии маркази таълимӣ-амалии «Бизнес-акселератор»-и Сирдарё ташкили курсҳои омӯзишӣ оид ба технологияҳои муосири иттилоотӣ ва инноватсионӣ, ташаккул ва рушди малакаҳои ҷавонон барои таҳқиқоти мустақилона ва соҳибкорӣ, инчунин ҳавасмандгардонии инноватсионӣ, расондани кўмак ба соҳибкорони ҷавон бобати ба роҳ мондани тиҷорати шахсӣ ва ташкили ҷойҳои кории иловагӣ мебошанд.

Бо ин мутахассисони баландихтисос ҷалб карда шуда, ба раванди таълим технологияҳои муосири иттилоотӣ ва инноватсионии педагогӣ васеъ ҷорӣ карда мешаванд. Дар ин муассисаи таълимӣ, ки ба ташкили самараноки тиҷорат аз ҷониби соҳибкорони ҷавон ва ташкили ҷойҳои нави корӣ хидмат мекунад, 200 нафар аз ҷумлаи онҳое, ки ба дафтарҳои «ҷавонон» ва «занон» дохил карда шудаанд, таълими касбӣ мегиранд. Зиёда аз 30 ҷойи корӣ таъсис дода шудааст. Маҳсулоти технологияи олие, ки онҳо истеҳсол мекунанд ва таъмини муттасилии хидматҳои пешниҳодшуда ба афзоиши фоида ва аз ин рў баланд шудани некўаҳволии мардум хидмат мекунанд.

Дар Андиҷон дар майдони таҷрибавӣ-намоишӣ дар шароити гармхона дар заррфи махсус парвариши 10 намуди гиёҳҳои шифобахш ба роҳ монда шудааст, ки онҳо метавонанд дар саноати дорусозӣ, тиббӣ ва хўрокворӣ истифода шаванд. Ташкили чунин гармхонаҳо имкон медиҳад, ки тамоми сол растаниҳои шифобахш рўёнда шаванд. Дар ояндаи наздик ба аҳолӣ ва деҳқонон имкони расонда додани ҳазорҳо ниҳоли стевия фароҳам оварда мешавад.

Чунин майдонҳои таҷрибавӣ-намоишӣ барои олимони ҷавон ва магистрҳо, тадқиқотҳои намоёни илмӣ айни муддаост. Ҳадафи асосии фаъолияти онҳо парвариши гиёҳҳои дорои хусусиятҳои табобатӣ, мутобиқсозии онҳо ба шароити маҳаллӣ мебошад.

Дар ҷараёни сафари Президенти кишвар ба вилояти Намангон бо мақсади то ба аҳолии ноҳияҳои дурдаст расондани инноватсияҳо, сабук кардани зиндагии мардум тавассути ҷорӣ намудани коркардҳои олимони маҳаллӣ, зиёд гардондани шавқу рағбати насли наврас ба технологияҳои нав ва ҷалби онҳо ба фаъолияти инноватсионӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ лоиҳаи табдил додани ноҳияи Чуст ба минтақаи инноватсионӣ ва ташкили китобхонаҳои «оқил» дар мактабҳо дар доираи он ба нақша гирифта шуда буд.

Ташкили майдончаҳои намоишӣ дар минтақаҳо, пеш бурдани ғояҳои инноватсионӣ боиси пешрафт ва беҳтар шудани шароити зиндагии мардум мегардад, ки ба рушди маҳаллӣ таъсири мусбат мерасонанд.

Маркази илмӣ-амалии татбиқи коркардҳои инноватсионӣ якҷоя бо мақомоти маҳаллии ҳокимият, муассисаҳои таълимӣ ва ташкилотҳои илмӣ дар самти баланд бардоштани потенсиали илмӣ ва эҷодии ҷавонон, ташаккули тафаккури таҳлилӣ дар писарону духтарони минтақаҳо ва ба фаъолияти илмӣ-инноватсионӣ васеъ ҷалб кардани онҳо барои ба рўйи об баровардани қобилиятҳои зеҳниии ҷавонони ташаббускору боистеъдод ва мутобиқшавии иҷтимоии онҳо шароити зарурӣ фароҳам меорад.

Дар хулоса метавон гуфт, ки дар ҳар як минтақа имконоти ривоҷ додан ва татбиқ кардани инноватсияҳо мавҷуданд, аммо аз онҳо пурра истифода бурда намешавад. Ҳоло барои ҷонноксозии коркардҳо ва ҷорӣ намудани инноватсияҳо чорабиниҳои эътимодбахш андешида мешаванд. Ҳамаи ин ба рушди инноватсионӣ ва баланд бардоштани иқтидори ҳудудҳои дурдаст хидмат мекунад.

Шаҳобиддин ШАРИФОВ,
директори Маркази илмӣ-амалии татбиқи коркардҳои инноватсионии назди Вазорати рушди инноватсионии Ҷумҳурии Ўзбекистон.
(ЎзА).

ОЛИМИ ЭРОНӢ НУСХАИ ЯКЕ АЗ АВВАЛИН ДАСТХАТҲОИ «БОБУРНОМА»-РО БА САФОРАТИ ЎЗБЕКИСТОН СУПУРД

Дар сафорати Ўзбекистон дар Теҳрон бо муовини раиси Академияи забон ва адабиёти форсии Эрон Муҳаммад Нассирӣ, дабири кулли Шабакаи байниисломии виртуалии донишгоҳҳои (CINVU) назди Кумитаи ҳамкории илмию техникӣ (COMSTECH) Карим Барзегар Наҷафӣ вохўрӣ ба амал омад.

Дар ин чорабинӣ Муҳаммад Нассирӣ нусхаи дастнависи «Бобурнома»-ро, ки дар осорхонаи «Қасри Гулистон» -и Теҳрон нигоҳ дошта мешавад, ба роҳбари намояндагии дипломатии Ўзбекистон дар Эрон Баҳодир Абдуллоев супурд.

Ҳамсуҳбат қайд кард, ки ин дастхат беназир аст ва дар ҷаҳон шабеҳи он нест. Он бо сабки «настаълиқ» навишта шудааст. Бисёр олимони маъруфи бобуршиноси саросари ҷаҳон ягонагӣ ва аҳамияти ин дастхатро тасдиқ кардаанд.

Тибқи баъзе маъхазҳо, дастхат шояд дар замони зинда будани Бобур нусхабардорӣ шуда бошад. Китоб ба Эрон дар давраи ҳукмронии Насриддиншоҳи Қоҷор (1848-1896), вакилони сулолаи коҷорҳо омадааст.

Ин асар дар 150 соли охир дар осорхонаи "Қасри Гулистон" нигоҳ дошта мешуд.

Дар ҷараёни мулоқот Муҳаммад Нассирӣ гуфт, ки дар нимаи моҳи май ба Ўзбекистон ташриф оварда, бо олимони ўзбек мубодилаи таҷриба хоҳад кард, инчунин бо дастхатҳои дар фондҳои Ўзбекистон маҳфузбуда ҷиҳати пурра кардани китоби худ дар бораи «Бобурнома» бо маводи нав ошно хоҳад шуд.

АИ Дунё,
ТЕҲРОН



Сафар дар Ватан

МИННАТДОРИИ БОНУВОН

Дар қарори Президент «Дар бораи чораҳои минбаъд такмил додани низоми дастгирии занон, таъмини фаъолонаи онҳо дар ҳаёти ҷомеа» аз 5 марти соли 2021 як қатор вазифаҳо оид ба таъмини шуғли занон, таълими касбӣ ва рушди соҳибкорӣ дар байни онҳо муайян шудаанд ва дар ин самт аллакай корҳо оғоз ёфтанд.

Низоми нави кор бо оилаҳои ниёзманд, занон ва ҷавонон ҷорӣ карда шуд. Аз ҷумла, кӯмак кардан ба онҳое, ки ба рӯйхати «дафтари оҳанин», «дафтари занон» ва «дафтари ҷавонон» дохил шудаанд, ба роҳ монда шуд.

Имрӯзҳо дар ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ низ баҳри беҳбудии ҳаёти мардум корҳои сохтмонӣ, ободонӣ, ниҳолшинонию кабудизоркунӣ дар авҷ аст.

– Мутасаддиён хона ба хона гашта занону духтарони ба ҳимояи иҷтимоӣ, тиббӣ, ҳуқуқиву психологӣ муҳтоҷ, танҳо ва ногироро ба рӯйхати «дафтари занҳо» дохил намуданд. Доир ба занону духтарони бекор, онҳоро ба соҳибкорӣ ҷалб намудан як қатор корҳо дар амал иҷро шуданд. Аз ҷумла, Лола Амонова аз деҳаи Эҷ, Кибриё Қўзиева ва Шабина Расулова аз деҳаи Сойихурд, Шаҳноза Тағоева аз деҳаи Симбулоқ хонанишин ҳастанд ва барои соҳибкорӣ шароити хуб доранд. Бинобар ин, ҳар яки онҳо дар асоси қарзи имтиёзноки «Халқ банки» парвариши 100 дона чўҷаву мурғро ба ўҳда гирифтанд. Инчунин, дар ноҳия маскани таълими касбу ҳунари маҳаллаҳо фаъолият мебарад, ки дар онҳо аҳолии бекор метавонад таълими касбӣ гирад ва баъди хатми маркази таълими касбӣ соҳиби гувоҳнома мегардад, ки ин ба дипломи таълими миёнаи махсус баробар ҳисобида мешавад. Ба қарибӣ бо ташаббуси Федератсияи иттифоқи касабаи вилоят 20 нафар занону духтарони ноҳияи Нурато, ки ба рӯйхати «дафтари занон» дохил шуда буданд, ба саёҳати Хоразм баромаданд, – мегӯяд муовини раис доир ба масъалаҳои ичтимоиву маънавии оила, занону духтарони ҷамоати шаҳрвандони «Каттасой» Соҷида Расулова.

– Дар давоми сафари дурӯза обидаҳои таърихии Ичанқалъа, масҷиди Охунбобо, минораи 57-метра, пайкараи 15-метраи Ҷалолиддин Мангубердӣ ва дигар зиёратгоҳҳоро дидан кардем, – мегӯяд Гулрухсор Рӯзиеваи деҳибаландӣ, – то ҳол оила, тарбияи фарзандон, норасоии рӯзгор имкон намедод, ки ба чунин саёҳат бароям. Рости гап, дар давоми умри 55-солаам аз деҳаи хурдакаки худ берун набаромадаам. Ба роҳбари давлат миннатдорӣ баён мекунем, ба мо занони ночор ва камбизоат чунин ғамхорӣ менамояд.

Сафари шаҳрҳои Хоразм, Хива ва Урганҷ ба модари серфарзанд аз ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Ибни Синои ноҳия Зебо Ҷўрақулова низ таассуроти калон боқӣ гузошт.

– Автобуси алоҳида, меҳмонхонаи бо шароити замонавӣ мучаҳҳаз, ошхона бо хўрокҳои болаззат дар хизмати мо буданд. Таассуроти сафарамро ба дугонаҳоям накл мекунам, – мегӯяд апаи Зебо.

Яке аз масъалаҳои мушкили рӯз коҳиш додани ночорӣ ва нодорист. Намояндагони идораҳои масъул ва ҳокимиятҳо хона ба хона гашта аз аҳволи занону духтарон хабар мегиранд, арзи дилашонро мешунаванд, бо шароити зисташон ошно мегарданд. Вақте бо занону духтарони маҳаллаҳои Синтаб, Соби ноҳияи Нурато ва Моҷарум, Поршти ноҳияи Фориш ҳамсуҳбат мешудем, аз чеҳраҳои дар қўраи зиндагӣ обутобёфтаашон аён буд, ки барои кўмак ва сабук кардани зиндагиашон аз роҳбари давлат, ҳукумати кишвар миннатдоранд.

С. БЕКНАЗАРОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти НАВОӢ.

Дар сурат: *як гурӯҳ аз «дафтари занон» дар саёҳати Хоразм.*

САНЪАТИ ХАТТОТӢ РИВОҶ МЕЁБАД

Дар шаҳри Тошканд баргузории Фестивали байналхалқии санъати тасвирӣ ва амалӣ давом дорад. Ин ҷашнвора таҳти шиори "Дар Ўзбекистони нав озод ва фаровон зиндагӣ кунем!" баргузор мегардад.
19 апрели соли равон маросими ифтитоҳи ин ҷашнвора ба вуқўъ пайваст.

– Соли 14-ум аст, ки ин фестивалро баргузор мекунем ва дар он муваффақиятҳои рассомон ва муассисаҳои ихтисосии мамлакат, ғоя ва лоиҳаҳои марбут ба санъати бадеӣ намоиш дода мешаванд. Он як ҳафта давом мекунад ва дар барпо намудани ин чорабинии доманфарох вазорат, идора ва иттиҳодияҳои эҷодӣ низ саҳм мегиранд, – изҳор кард раиси Фарҳангистони бадеии Ўзбекистон Акмал Нур.

Маълум шуд, ҷавононе, ки дар ин фестивал бо маҳсули эҷоди худ ширкат мекунанд, соҳиби сертификат хоҳанд шуд. Ҳамзамон ғолибони он нишонҳои тиллоӣ, нуқра ва биринҷиро низ ба даст меоваранд.

– Дар айни ҳол ҷавононро лоқайду бетафовут низ кам нестанд ва ин ҳол ба ҳамаи мо маълум аст. Мо аз тариқи роҳандозии ин гуна чорабиниҳо чунин ҷавононро хуфта ва дилсардро бедор мекунем ва барояшон имкониятҳои фаровон фароҳам меоварем, – гуфт Акмал Нур.

Масъалаи дигар он аст, ки шахсони ғайримутахассис ба корҳои онҳо халал мерасонанд ва дар байни онҳо роҳбарони идораҳои давлатӣ низ мавҷуданд. Агар онҳо машғули кори худ шаванд ва ривоҷи ин соҳаро ба дасти мутахассисонаш ҳавола намоянд, нур болои нур хоҳад шуд. Мо соҳибони иқтидорро меҷўем, дар оянда барояшон барномаҳои хос тартибу таълиф мекунем. Ба онҳо таваҷҷўҳи бештар зоҳир намудан маънои онро дорад, ки соҳа ривоҷ меёбад ва ҷавонон бештар ба офаридани асарҳои хубу дилпазир кўшиш мекунанд. Гузашта аз ин, сулолаҳое ҳастанд, ки ба эътибори хос эҳтиёҷманданд. Ба воситаи онҳо мо омўзиши мероси ниёконро ба роҳ мемонем ва ин омўзишро идома медиҳем.

Гуфта шуд, ки аксари ҷавонон аз соири вилоятҳои ҷумҳурӣ ба шаҳри Тошканд даъват шуданд. Онҳо пойтахтро тамошо карда, бо ҷараёни корҳои зиёд ошно шуданд. Ба гуфтаи Акмал Нур вақти он расидааст, ки ҷавонони иқтидорноку бомаҳорат ба хорича фиристода шаванд, аммо дар ин маврид кумакҳои молии зиёд тақозо мегардад, ки умедвор аст ин масъала низ ҳаллу фасл хоҳад шуд.

– Агар дунёгиршавии бемории куруно халал намерасонд, дар фестивали чордаҳуми санъати тасвирӣ ва амалӣ меҳмонони зиёд аз соири кишварҳои Осиё, Аврупо ва Амрико даъват карда мешуданд. Ин дафъа дар фестивали мо намояндагони корпусҳои дипломатӣ ва созмонҳои байналхалқии муқими кишварамон ширкат варзиданд, – гуфт раис.

Хазинаи "Илҳом" барои ҷашнвора 30 миллион сўм ва ниҳодҳои давлатӣ 62 миллион сўм маблағ ирсол намудаанд.

Мақсади баргузор намудани фестивали байналхалқӣ таҳти шиори "Дар Ўзбекистони нав озодона ва фаровон зиндагӣ мекунем!" бештар соли "Пуштибонӣ аз ҷавонон ва мустаҳкам намудани саломатии аҳолӣ"-ро мадди назар гирифтааст. Аз ин лиҳоз, дастандаркорони фестивал бо таваҷҷўҳи бештар додан ба ҷавонони шаҳру вилоятҳои кишварамон иктифо хоҳанд кард.

Дар ҷараёни боздид аз Фарҳангистони бадеӣ Президенти мамлакатамон дастур дод, ки ба масъалаи ривоҷи санъати хаттотӣ низ таваҷҷўҳ зоҳир кунем. Барои ҳамин мо ин масъаларо хеле мўшикофона баррасӣ намудем. Мо хаттотоне дорем, ки метавонанд ҷавонони ҳавасмандро дар ин ҷода низ гирдиҳам оваранд ва тарбия кунанд, – изҳор намуд Акмал Нур.

Ногуфта намонад, ки дар толори Марказии намоишгоҳҳои бадеӣ вернисажи кайҳо интизорбудаи "Самарқанд – марвориди Шарқ", ҳамчунин осори рангтасвир, графика, санъати амалии рассомон низ намоиш дода шуданд.

Дар чаҳорчўби ин фестивали байналхалқӣ роҳандозии тақдимоти лоиҳаи "Ниҳолҳои эҷод"-и шуъбаи кор бо ҷавонони эҷодкори Фарҳангистони бадеии Ўзбекистон низ барномарезӣ шудааст. Ҳамзамон дар осорхонаи Санъати миниатюраи Шарқи ба номи Камолиддин Беҳзод намоиши хусусии асарҳои академики Фарҳангистони бадеии Ўзбекистон Ниёзалӣ Холматов таҳти унвони "Сюитаи Шарқ" баргузор гардид.

Дар рўзҳои фестивали байналхалқии Санъати тасвирӣ ва амалӣ дар ҳамаи толорҳои Фарҳангистони бадеии Ўзбекистон дарси маҳорат низ гузаронида шуд.

Мирасрор АҲРОРОВ,
хабарнигори
"Овози тоҷик".

МАТНИ "МАСНАВИИ МАЪНАВӢ" БА НАСР

Ишораи ногузир

Пас аз фикру мулоҳизаҳои амиқ дар алфози достону қиссаҳои "Маснавӣ"-и Мавлонои Балхӣ – олитарин асари адабию ахлоқии башарият, ба хулосае омадем, ки ин ганҷи шойгон, сарфи назар аз соддабаёнию фасеҳзабонияш, боз ҳам пур аз вожаҳои душворфаҳми арабию ибриву туркӣ ва дигар забонҳо буда, барои хонандаи имрўз фаҳми он дар аксар маврид дастнорас аст. Шояд дар аҳди Мавлоно, ки замони шукуфоии илму адаби арабӣ буд ва аксар уламову шуарои дигар миллатҳо, минҷумла бузургони мо, осори худро ба забони арабӣ низ менигоштанд ва мизони ифтихороташон ҳам буд, Маснавӣ ниёзе ба тавзеҳу ташреҳ надошт. Вале имрўз ва барои хонандаи тоҷики кунунӣ бидуни кўмак ҷустан аз луғатномаву фарҳангҳо дарки маъноии ноби "Маснавӣ" муяссар нахоҳад шуд.

Дар баргардониши ин манзумаҳо ба насри тоҷикӣ мо талош кардем, то вожагони ғарибу бегона (бо нигаҳдошти асолати забони Мавлоно) камтар мавриди истифода қарор бигиранд. Дар ин роҳ якчанд нусха, ки дар ихтиёрамон ҳаст, минҷумла бархе нусхаҳое, ки дар китобхонаи Пажўҳишгоҳи шарқшиносии ба номи Абўрайҳони Берунӣ маҳфузанд, бо муқоиса баррасӣ ва таҳқиқ шуда, ҳикоятҳо мучаз ва мухтасар баргардонида шуданд.

Дар аксари достонҳову қиссаҳои "Маснавӣ" таъбироту истилоҳоте ба чашм мехўранд, ки барои хонандаи имрўз, на ҷузван, балки куллан бегонаанд... Чун ин ҳол аён буд, дар фикр фурў рафтем... Чӣ бояд кард? Агар ба шарҳи он таъбирот пардозем, хеле ба дарозо мекашад ва бояд ду-се сафҳа сиёҳ кард, то хонанда аз асли мавзўъ бохабар шавад. Дар чунин ҳолатҳои ногувор саъй кардем, то мизони мухтасаргўӣ, мучазбаёнӣ, оммафаҳмӣ риоят шавад, гуфтор аз ҳадди эътидол таҷовуз накунад ва ба газоф нагарояд. Ва гоҳе низ (барои он ки сайди маъно осонтар гардад) ба панду амсолу ҳикматҳои омиёна (фолклор) рӯй овардем. Аҷиб он аст, ки гоҳе дар "Маснавӣ" як калимаи куллан тоҷикиро, ки дар замони Мавлоно роиҷ ва барои ҳама фаҳмо будааст, маҷбурем имрўз бо калимаҳои дар забонамон мустаъмали арабӣ баён кунем. Чунин иттифоқ афтоданҳоро дар адабиёти урупоӣ "парадокс" мегўянд. Яъне чӣ? Яъне мо дурдонаҳои маъноии адаби худро тавассути калимаҳои забонҳои дигар сайд мекунем. Магар ин парадокс (таноқузбаёнӣ) нест? Ба ҳар ҳол, ин роҳ ҳамроҳи савоб аст, зеро моро ба асли худ (ҳарчанд ба василаи вожагони дигар) раҳнамун месозад ва ба худи мо мешиносонад.

Муҳимтарин хулосаи банда дар баргардониши "Маснавӣ" ба наср, имрўз ва баъд аз ҳазорон ҳазораҳои дигар низ ин аст ва ин хоҳад буд, ки мо, агар ҳар қадар бо Қуръон ва ояту сураҳои қуръонӣ ошноии бештар дошта бошем ва ё ҳадди ақалл бо тарҷумаи тоҷикии Қуръон шинос шавем, дарки қиссаву ҳикоятҳои Маснавӣ, ки "Қуръон дар забони паҳлавӣ"-яш хондаанд, бароямон осонтар хоҳад шуд. Чун "Маснавӣ"-ро ба Қуръони забони мо нисбат додаанд, пас ҳар ки маснавидону маснавихони асил бошад, яқин Қуръони гўёст, ки дар байни мо чун чароғе нурафшонӣ мекунад. Бесабаб нест, ки паёмбарон, авлиёуллоҳ, олимони раббонӣ, ҳофизону қориёни Қуръонро «Қуръонҳои зинда» хондаанд. Имрўз низ чунин мардони Худо, чунин Қуръонҳои зиндаву гўёву пўё дар байни мо убуру мурур мекунанд ва ба мо волотарин саодат – амнияту оромиши рўҳу ҷон мебахшанд.

Дар «Маснавӣ» натанҳо аз Қуръон, балки аз ҳамаи кутуби муқаддасаи осмонӣ (Инҷилу Тавроту Забур) мисолҳои равшан оварда шудаанд. Лиҳозо, донистани муҳтавои умумии он китобҳо низ барои мо заминаи хуберо ҷиҳати дарку ҳазми достонҳои маънавӣ фароҳам хоҳад намуд.

Умедворем, кори хоксоронае, ки бо иноятi Парвардигор анҷом ёфтааст, роҳкушои вуруди ҷавонону пирони Маснавидўсти мо ба дунёи бузурги ахлоқ бошад ва онон аз ин Ганҷурнома сабаки озодмардӣ, озодагӣ, сарафрозӣ, накукорӣ ва аз ҳама муҳим, дарси оромиши рўҳу ҷонро биёмўзанд.

Барову дурахш, эй баландафтоб,
Бурун ойу бар фарқи гардун битоб!

Ду "ман" дар як саро нагунҷанд

Рўзе ошиқе ташнаи висол бар даргоҳи ёри азизаш омаду дари ўро бизад. Ёраш гуфт: "Эй каси муъ-тамад, ту кистӣ?" Гуфт: "Ман". Гуфташ: "Бирав, вақт надорам! Барои мисли ту хоме хони иззату икром нахоҳам орост! Чун "ту"-и ту ҳанўз аз ту нарастааст, мебояд дар нори сўзон бисўзӣ, то пухта гардӣ". Ошиқи мискин ночор, бо дили абгор ва ашкҳои шашқатор аз дари хонаи маъшуқа баргашт ва соле дар сафар гузаронид ва дар нори фироқи ёр басе сўзиду нолид:

Рафт он мискину соле дар сафар,
Дар фироқи ёр сўзид аз шарар.

Пас аз сипарӣ шудани соле ва сўхтанҳо дар оташи ҳиҷрони хубхисолеву моҳҷамоле боз ба сўйи хонаи маъшуқа бозгашт ва бо сад тарсу бим ва одоби азим бар дари хонаи ёр ҳалқа зад ва муроқиби он буд, ки дар посух ба саволи маъшуқа лафзе беадабонае аз лабонаш начаҳад. Чун бори дигар дар кўфт, ёраш бонг зад: "Бар дари хона кист?". Ошиқи ҳайрон бо дили сўзону чашми гирён посух дод: "Ту"-ӣ! Ҳам дар беруни хона ва ҳам пушти дар Туӣ, эй дилситон, на ман!". Маъшуқа гуфт: "Акнун ки чун "Ман" шудаӣ, эй Ман, ба хона даро, зеро ду "ман" яке бошанд ва "ту"-ву "ман" дуист ва дуӣ дар як саро нахоҳанд ғунҷид. Ҳоло ки ману ту ягона гаштаему "манӣ" – "ту"-ӣ бархоста, бифармо ба хона ва хони ороста бифармо ба суфраи Вахдати вучуд ва аз он лаззатҳо бубар".

Ёддошт: Шайх Аттор – устоди Мавлоно низ дар "Мусибатнома" ин достонро овардааст.

(Давом дорад).

Баргардониши
Файзҳоҷа МАҲМУД.

ЧЕЛОН ВА ҲИҲАТҲОИ ДАВОИИ ОН

Меваи челон кулўлаи дарозшакл буда, донак дорад, рангаш сурху ҷилодор аст. Дарахти он дар моҳҳои июн-июл гул карда, меваашро дар моҳҳои август-сентябр пухта мерасад. Барг ва меваи он мавриди истифода аст.

Таркиби кимёвиаш: дар пўсти челон моддаҳои ғизоӣ ва алкалоидҳои пепид, дар баргаш моддаҳои коҳишдиҳандаи дард, кислотаи аскарбин, қатрон, глюкозид, сапонин ва фитонсид, дар таркиби меваи он миқдори зиёди қанд, витамин С, кислотаҳои органикӣ, дар мағзи донакаш то 33 фоиз равғаи мавҷуд аст.

Таъсир ва корбурди он: челонро дар табобати халқӣ барои касалиҳои гурдаву пешобдон, роҳи нафас, ревматизм, баланд шудани таб ва бемориҳои рўда аз қадим истифода мебаранд. Аз пўсти решааш бошад, доруи қувватбахшанда ва равшанкунандаи дил тайёр карда мешавад.

Меваҳои челон ҳамчунин ба бемориҳои пиелит, систит диарея кўмак мерасонад ва меъдаро мустаҳкам мекунад. Дар табобати халқии Осиёи Миёна аз мева ва баргҳои челон шарбат тайёр намуда, ба бартараф намудани дарди қафаси сина, диққи нафас, дарди дил, камхунӣ истифода мебаранд. Онро барои муолиҷаи бемориҳои ҷигар, гурда, пешобдон, кор мефармоянд, ичунин, барои мулоим кардани рўда ва рондани пешоб низ истифода мебаранд.

Ибни Сино челонро барои бемориҳои камқувватӣ, диарея, хунравӣ низ кор фармудааст.

Дар табобати ҳинд челонро ҳамчун воситаи дафъи шамолҳўрӣ, омос, ҷароҳату фасод, заҳри неши каждум, сўзок истифода менамоянд. Тибетиён меваи челонро ба бемориҳои меъда, дар мавриди вайрон шудани табодули моддаҳо корбаст менамоянд. Дар Хитой бошад ба таркиби доруҳои мураккабе, ки бемориҳои гипертония, норасоии дил, сил, шифо мебахшад, дохил мекунанд.

Дар табобати замонавӣ аз мева ва барги челон шираи 10 фоиза тайёр мекунанд, ки он барои пешобронӣ давои хуб аст.

Меваи челон бемории гипертонияро (баландфишории хун) пешгирӣ мекунад.

Ба ғайр аз ин, челонро барои тунук ва тоза намудани хун истифода мебаранд.

Усулҳои омода намудан ва истифода бурдани он:

1. Ба болои 15-20 грамм меваи челон 300 мл об рехта (барои як истеъмол), то 100 мл. мондани он (дар буғ) мечўшонед.

2. Барои бемориҳои бронхит, систит ва пиелит ҳар рўз 2-3 маротиба (10-20 донагӣ) челонро истеъмол мекунанд.

3. 300 гр. челонро ба 6 литр об ҳамроҳ карда, то 5,5 литр боқӣ мондани он дар оташи паст мечўшонанд. Ин шарбати шифобахш хунро тоза ва тунук мекунад.

Акмал СОАТОВ.
Марзия СОАТОВА,
дорушиносон.

Китобиёт

«ШАББЎ»

Шеъри нобу насри рангин ва фалсафаомези адибаи равшанзамир Хосияти Рустам бори аввал ба шакли китоби алоҳида бо номи «Шаббў» зери тарҷумаи шоир, узви Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон Муҳаммадҷон Шодиев ва таҳрири Ато Ҳамдам ба забони тоҷикӣ дар хонаи табъу нашри «Балоғат»-и шаҳри Душанбе соли 2020 чоп шудааст. Хонанда баъди мутолиаи китоб дарк менамояд, ки ҳар қатра ашки дидаи Хосият муҳаббати ба шеър табдилёфтаи ў мебошад. Сабаб он аст, ки Хосият кулли коинотро адабиёт ҳисобида ва тамоми инсониятро даъват месозад, то меҳри адабиётро дар қалб парварад, онро чун хона ва Ватани хеш дўсту гиромӣ дорад.

Шоира тавассути номаҳои қалб бо «ман»-е, ки дар ботин дорад, суҳбат меорояд. Ин номаҳоро мутолиа сохта, баробари шинос шудан ба воқеаю ҳодисаҳое, ки дар ҳаёти рўзмарраи муаллиф рўй додаанд, ба дунёи рўҳию маънавии ў мепайвандед, гувоҳ мегардед муаллиф чӣ андоза назди худ талабҳо гузошта, бо алла ва навозиш эҳсосоти худро баён месозад.

Боби «Дилпораҳо»-и китоб аз шеърҳои рангин иборат аст. Дар шеъри «Хоб» чунин мисраъҳо оварда шудааст:

Аспҳо бо шиҳаи мастонае,
Рўи раҳ ҳастанд аз нав ин пагоҳ.
Аз қафо ин дам ҳамеояд як асп,
Пой монад хастаҷон бар рўи роҳ.
Ҷонваре, ки шомгаҳ чизе нахўрд,
Музтару маъюс мебошад чаро?
Ҷангдида аспро мушкил, ки хоб
Дидааст аспони таслимгаштаро.

Дар боби «Рўзномаҳо» нигоштаҳои ў диққатҷалбкунандаанд ва баъди мутолиа касро ба андеша водор месозад. Дар «Чордард» чунин менависад: «Аз чӣ бошад, вақтҳои охир мурдаи одамонро пеши назар меоварам, бобати хушрў ё бадбашарагии онҳо фикр мекунам. Ба ин вафоти зани ҳамсоя сабаб гашт. Зане, ки ҳамеша оилаашро фикр мекард, дирўзакак зинда буд. Се рўз қабл дар кўча дурудароз ҳамсуҳбат шуда будем. Тасаввур намекардам баъди се рўз ў дигар байни мо нест. Хуллас, хабари марги ў гўё шикофида ба гўш даромад. Ба видои зане, ки чун модарам меҳрубон буд, шитофтам...

Дар муқобили бозии дахшатноки ҳаёт ҳар дафъа ларзида истам ҳам, ҷуз марги худ, ки рўзе муқаррар аст, чизи дигарро фикр намекардам. Ҳатто рўзе ба ман расонда аммаам ба духтараш «Рўзи вафотам гиря кун, одамҳо хандида нараванд» гўён танбеҳ дода буд, ки паси гўшам ҳамон садо медиҳад. Ҳол он ки духтараш, миён баста, осмонҳоро ба сар мебардошт...» Хонанда вақте китоби тозанашреро ба даст мегирад, мехоҳад аз мазмуну моҳияти асар сабаққои тоза ба тоза гирад. Фикр мекунем бисёриҳо ин китобро хонда ба вай раҳнамо мегарданд, ба қалби хеш чӣ қадар наздикии ўро эҳсос менамоянд.

С. БЕКНАЗАРОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Ба ҷамоаи мактаб — туҳфаи Президент

Дар мактаби таълими умумии 39-уми ноҳияи Қўнғироти Ҷумҳурии Қароқалпоқистон 967 нафар хонанда дар шароити замонавӣ сабақ мегиранд. Бахри рушди қобилияти хонандагон, пурмазмун гузарондани вақти холии онҳо беш аз 30 маҳфили фанниву варзишӣ кор мебарад.

– Хонандагонамон дар озмунҳои фаннӣ, қувваозмоии донишҳо ва мусобиқаҳои варзишӣ бомуваффақият иштирок мекунанд, – мегўяд директори мактаб Саидкамол Эшмуродов. – Хусусан, дар лоиҳаи «Як миллион барномасоз», ки соли 2019 бо ҳамкории вазоратҳои таълими халқ, инвеститсия ва савдои беруна, рушди технологияи ахбору коммуникатсия ва фонди «Dubai Future Foundation»-и Аморати Муттаҳидаи Араб созмон ёфта буд, хонандагони мактаби мо фаъол иштирок карданд. Якчанд нафар омўзгорон бо нишони сарисинагии Аълочии таълими халқ, компутерҳои замонавӣ, хонандагони аълохон ва боиқтидор бо диплом ва туҳфаҳои хотиравӣ тақдиронида шуданд.

Дар сурат: дар мактаби таълими умумии рақами 39-уми ноҳияи Қўнғирот.
Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ. ЎзА.

7 апрели соли ҷорӣ дар доираи лоиҳа аз ҷониби Вазорати рушди технологияи ахбору коммуникатсия ба ҷамоаи мактаб туҳфаи Президент – автомобили «Spark» тақдим карда шуд.

ҚАДРШИНОСӢ БАРОИ МЕҲНАТИ АРЗАНДА

Дар ҳаққи устоду мураббӣ ҳар қадар суханони хуш гӯем, кам аст. Марди хоксору фурӯтан Фарҳод Исомиддинов дар кори таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонон саҳми арзанда дорад. Омӯзгор нафарест, ки ҷомеа дар ҳама давру замон ба ӯ ниёз дошту ниёз дорад. Дар ин боб Салмони Совачӣ чунин фармудааст:

Раҳбаре ҷӯй, ки дар ин бодия,
ҳар сӯ роҳ аст,
Марди саргашта чӣ донад,
ки куҷо бояд рафт.

Воқеан ҳам, омӯзгор роҳбар, роҳнамо ва мураббии кулли башар аст ва ин масъулияти бузургест бар души ӯ. Муаллим ҳидоятгари роҳи рост ва роҳнамои рӯзгор аст. Ӯ як умр дар зиндагӣ меомӯзад ва онро бо шогирдони хеш талқин мекунад. Муаллим машъалест, ки зиндагиро ҳамеша равшанӣ мебахшад.

Фарҳод Исомиддинов соли 1944 дар деҳаи Понғози ноҳияи Ашти вилояти ҳозираи Суғд дар оилаи зиёӣ дида ба олами ҳастӣ кушод. Дар мактаби рақами 4-уми ба номи Мадании ноҳия таълим гирифта, соли 1961 ба бахши филологияи Донишкадаи омӯзгории Хуҷанд дохил шуд. Дар давоми таҳсил худро чун донишҷӯи фаъол нишон дод. Мақолаҳои ӯ дар рӯзномаҳои донишгоҳу вилоят ба нашр расиданд. Дар байни устодону ҳамсабақон бо донишу қобилияти худ маъруфият пайдо намуд. Ӯро соли 1964 аз курси чорум ба аскарӣ даъват карданд. Баъди се соли хизмат ба донишгоҳ баргашта, онро соли 1969 бо муваффақият хатм намуд ва ҳамчун муаллим ба зодгоҳаш баргашт.

Нахуст дар мактаби рақами 36-уми ноҳияи Ашт ба кор сар карда, дар як муддати кӯтоҳ байни омӯзгорон ва шогирдон худро чун муаллими фаъол нишон дод. Аз тарафи идораҳои таълими халқ ва ҳукумати ноҳия бо ифтихорномаҳо қадрдонӣ шуд. Муаллим соли 1973 ба шаҳри Ангрени вилояти Тошканд кӯчида омад ва минбаъд ҷидду ҷаҳди худро ба тарбияи ҷавонони ҳамин маҳал бахшид.

Зимни фаъолияти омӯзгорӣ дар донишгоҳҳо якчанд шогирдонро тарбия намудааст, ки аксарияти онҳо дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ пирӯзӣ ба даст овардаанд. Устод дар фаъолияти худ беш аз дусад мақолаҳои публитсистию илмӣ ва зиёда аз бист китоби бадеию дарсӣ ба табъ расонидааст.

Гарчанде ҳоло дар нафақа аст, азми сафари шаҳри Фарғона намуда, фаъолияти

илмию педагогии худро дар Донишгоҳи давлатии Фарғона давом дода истодааст. Соли чорум аст, ки устод Исомиддинов дар кафедраи забоншиносии факултаи филологияи ДДФ ҳамчун маслиҳатгари устодон ва раҳнамои донишҷӯён кор мебарад. Дар ин муддат асарҳояш "Асрори рақамҳо", "Калиди боргоҳи маърифат", "Шугунҳо" ва "Ирим-сиримлар"-ро ба табъ расонид.

Устод ҳама вақт донишҷӯёнро ба илмомӯзию донишандӯзӣ ҳидоят мекунад. Боре ба мо насиҳат карда гуфт, ки панде аз падар гирифтаам, ки ҳамешаву ҳамарӯза он шиори зиндагониам гаштааст ва онро шогирдони азиз, шумо низ шиори худ кунед, яъне ба таъбири Аллома Иқбол:

Дар ҷаҳон болу пари хеш кушудан омӯз,
Ки паридан натавон бо пару боли
дигарон.

Аз сабақ ва пандҳои устод мо беҳад мамнунем, зеро онҳо дар омӯхтан ва фаъолияти оянда дарси ибрат мегарданд. Ҳукумати ҷумҳурӣ хизматҳои шоёни устодро ба назар гирифта, ӯро бо медали «Барои хидматҳои шоён» дар тарбияи ҷавонон мушарраф гардонид. Ин боиси ифтихори ҳамаи мо, шогирдони ӯст!

Файзулло ИБРОҲИМОВ,
донишҷӯи равияи забони тоҷикии факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Фарғона.

Гӯшаи методӣ

«БЕ АЗМИ ДУРУСТУ САЪЙИ КОМИЛ»

Вобаста ба талаботи давру замон дар ҳамаи соҳаҳо пешравии наву тоза рух медиҳанд. Аз ҷумла, дар соҳаи таълиму тарбия ҳам як қатор чорабиниҳои муҳим андешида мешаванд, то ки сифати таълим беҳбуд ёбад.

Аз ҷониби Президент ва Вазорати таълими ҷумҳурӣ барои пеш бурдани савияи дониши хонандагон, инчунин тайёр намудани мутахассисони хуб ғамхориҳо карда мешаванд. Мувофиқи талаботи имрӯз аз омӯзгорон тақозо мегардад, ки бо роҳу усулҳои гуногуни педагогӣ ва тарзу равиши анъанавию ноанъанавӣ ба шогирдон илм омӯзонанд. То ки дар оянда онҳо барои пеш бурдани ҳаёт ва сохтани Ӯзбекистони нав саҳми арзанда гузоранд. Ҳамчун омӯзгор хостам, ки як соат дарси забони тоҷикиро бо усули ноанъанавӣ мазмуни устодону ҳамкасбони худ кунам.

Талаботи имрӯзаи таълим моро водор сохта истодааст, ки аз технологияи замонавӣ самаранок истифода бурда, ба шогирдон илму маърифат диҳем, то шавқи онҳо нисбат ба илму фарҳанг афзун гардад. Барои ин як лаҳзаи сабакро дар ҷараёни дарс мебинем.

Муаллим ба хонандагон муроҷиат карда мегӯяд:

Бачаҳо, инкишофи нутқро бо ду роҳ мегузаронем: хаттӣ ва шифоҳӣ, ки номи мавзӯъ ин аст: «Фасли дӯстдоштаи ман».

Пас аз ин муаллим ё ба воситаи видеопроектор ва ё дар коғазҳои сафед алоҳида-алоҳида номи чор фасли солро менависад:

Баҳор. Тобистон. Тирамоҳ. Зимистон.

(Агар сурати манзараҳои фаслҳо бошанд, боз хуб мешавад)

Муаллим ба бачаҳо муроҷиат карда мегӯяд:

– Канӣ, бачаҳо, гӯед-чӣ, шумо кадоме аз ин фаслҳоро дӯст медоред?

Ҳангоме ки муаллим аз бачаҳо ҷавобҳоро мешунавад, бояд бо тезӣ ба ҳар як фасл рақам гузорад, ки кадом фаслро бештар хонандагон дӯст медоранд. Аллакай дар ҳамин ҷо як намуди бозии математикӣ баргузор мегардад ва хонандагон дар дарс фаъол иштирок мекунанд.

Муаллим ба хонандагон суповиш медиҳад, ки дар бораи фасли дӯстдоштаашон матни эҷодӣ нависанд ва барои ин вақтро муайян мекунад.

Хонандагон бо завқ ба навиштани матни эҷодӣ машғул мешаванд. Вақти гузошташуда ба охир, ки расид, муаллим мегӯяд:

– Бачаҳо, вақти мо ба охир расид.

Дар ҳамин ҳангом хонандагони гурӯҳҳо даст бардошта, мунтазири амри муаллим мешаванд. Муаллим аз чор гурӯҳ чор нафар хонандаро ба назди тахтаи синф мебарорад. Хонандагон дар тахтаи синф навиштаҳои худро мехонанд, хонандагони дигар гӯш андохта, дар охир фикрҳои худро баён мекунанд. Агар хонандагон камбудиҳоро ёфта натавонанд, муаллим ба шогирдон ёрӣ расонида, камбудияшонро бартараф мекунонад.

Пас аз ин муаллим ба хонандагон аз рӯи талаботи дарс амал карда, онҳоро вазифадор мекунад, ки аз дохили матнҳояшон ҷумлаҳои оид ба мавзӯъ мувофиқашро дар алоҳидагӣ навишта,таҳлили синтаксисӣ намоянд, яъне саръазоҳои ҷумларо дарёфт кунанд. Муаллим кори шогирдонро назорат карда меистад ва онҳо бо кӯмаки устодашон вазифаро иҷро менамоянд.

Мақсади асосии ин усул дар ҷараёни дарс аз он иборат аст, ки нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагонро инкишоф диҳем. Аз тарафи дигар, якранг нагузаштани дарс ва фаъолнокию ҳозирҷавобии талабагонро ривоҷ додан мебошад, ки ин яке аз марҳилаҳои дарс ба шумор меравад. Марҳилаи дигари дарси ба ҳамин монандро манзури омӯзгорон мекунем, ки чунин аст:

Дар дохили яке аз дарсҳо муаллим бо усули «ҳуҷуми ақлӣ» ба хонандагон ба тариқи саволу ҷавоб кор мебарад. Вай ба хонандагон муроҷиат карда мегӯяд:

– Канӣ, бачаҳо, гӯед-чӣ, ҳозир кадом фасл аст?

– Ҳозир фасли баҳор аст.

– Шумо фасли баҳорро дӯст медоред?

– Бале, мо фасли баҳорро хеле дӯст медорем.

Пас аз ин лаҳза муаллим ба воситаи видеонавор ва компутер ба экран номи мавзӯро мебарорад:

БАҲОРИ СЕҲРНОК

Хонандагон мавзӯро хонда, фикр мекунанд, ки баҳор чӣ гуна фасли сеҳрнок аст.

Муаллим мегӯяд:

– Бачаҳо, номи мавзӯъ ба шумо маълум шуд, акнун саволномаҳоро дар экран дида, аз рӯи онҳо кор мекунед.

С А В О Л Н О М А:

1. Аз чӣ сабаб фаслҳо тағйир меёбанд?
2. Сабаби кӯтоҳ шудани рӯз дар чист?
3. Дарозу кӯтоҳ шудани шабу рӯзро кӣ дидааст?
4. Сабаби сабзгун шудани кӯҳу дашт дар чист?
5. Кадом вақт шумо акси ин манзараро мушоҳида кардаед?

Муаллим ба хонандагон ёдрас менамояд, ки онҳо аз ҳодисаҳои физикӣ, табиӣ бохабаранд, барои ҳамин ҷавобҳои аниқу равшан тайёр кунанд.

Хонандагон метавонанд бо хоҳиши худ бо ду роҳ: хаттӣ ва даҳонӣ фикрашонро баён намоянд. Мақсад ин аст, ки нутқи даҳонӣ ва хаттии хонандагон инкишоф ёбад. Ҳангоме ки фикрҳои хонандагон бо ду роҳ шунида мешавад, муаллим дар охир камбудии онҳоро мегӯяд.

Муаллим хонандагонро вазифадор месозад, ки аз таркиби матнашон ҷумлаҳоро ҷудо карда нависанд ва аъзои пайрави ҷумларо дарёфт намоянд.

Омӯзгор пеш аз додани суповиши хонагӣ гурӯҳи фаъолро эълон мекунад. Ва ба фаъолон баҳо мегузорад. Ба шогирдоне, ки нисбатан суст иштирок карданд, минбаъд мисли дӯстонашон фаъол будан таъкид мекунад. Пас аз ин муаллим ба хонандагон вазифаи хонагӣ месупорад.

Бояд гуфт, ки муаллим метавонад инкишофи нутқро бо мавзӯъҳои гуногуни шавқовар гузарад.

Ба фикрам, фаъолнокии хонандагон вусъат ёфта, доираи ҷаҳонбинии онҳо бештар мешавад. Чи хеле ки дар боло гуфтем, ҳар як дарс вобастакунӣ дорад. Агар дарси муаллим ба фанҳои дигар вобаста нашуд, он дарс маъно пайдо намекунад. Аз ин хотир, барои пуробуранг баромадани мавзӯъ ва дар шуури хонандагон ҷой намудани дониш муаллими фан бояд аз методҳои гуногун, инчунин аз технологияи замонавӣ самаранок истифода барад.

Шароити имрӯзаи таълим аз мо талаб менамояд, ки ба дарсҳо бефарқ набошем, ҳамеша роҳ ва усулҳои нав ба навро ҷустуҷӯ кунем. Талаботи имрӯзаи Ӯзбекистони соҳибистиқлол маҳз аз иҷрои ҳамин вазифаҳо иборат аст.

Яъне:

Бе азми дурусту саъйи комил,
Касро нашавад мурод ҳосил.

Мӯъмин МАҲМАДИЕВ,
муаллими фанни забон ва адабиёти тоҷики мактаби рақами 12-уми ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.

...Ҷон зинда ба илм

Тан ба ҷон зиндааст, ҷон зинда ба илм,
Дониш андар кони ҷонат гавҳар аст.

***

Бе ҷома шарифӣ аз он ки ҷонат,
Маъруф ба хат аст, не ба ҷома.

***

Марг ҷаҳл асту дониш зиндагӣ.

(Носири ХУСРАВ)

***

Магӯ чизе, ки дар дониш нағунҷад,
Хирад ӯро ба як ҷав барнасанҷад.

(Фахриддини ГУРГОНӢ)

***

Гӯшт бар говарз некӯтар,
Зинати мард дониш асту ҳунар.

(Ҳакими САНОӢ)

***

Илм агар андак бувад, хораш мадор,
З-он ки дорад илм қадри бешумор.

(Фаридаддини АТТОР)

***

На дониш бошад он касро, на фарҳанг,
Ки вақти оштӣ пеш оварад ҷанг.

***

Олим он кас бувад, ки бад накунад,
На бигӯяд ба халқу худ наканад.

***

Бани одам аз илм ёбад камол,
На аз ҳашамату ҷоҳу молу манол.

***

Мероси падар хоҳӣ, илми падар омӯз.

(Саъдии ШЕРОЗӢ).

Таҳияи **Б.ФАРИШТА.**

Дар мактаби рақами дуюми ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона баробари бо савияи баланд гузаронидани корҳои беруназсинфӣ ба сифат ва савияи дарс, ки шакли асосии таълим аст, эътибори муҳим дода мешавад. Хусусан, дарсҳои кушод дар синфҳои ибтидоӣ бо иштироки фаъолонаи муаллимон мувофиқи талаби замон сурат мегиранд. Дарсҳо дар ҷамъомадҳои иттиҳодияи методӣ таҳлил ва омӯзгороне, ки дарсҳои пурмазмун гузаронда, айни вақт, донишу азхудкунии шогирдони худро намоиш доданд, рағбатнок карда мешаванд.

Дар сурат: *лаҳзае аз дарси кушоди муаллима* ***Г. Қамбарова*** *аз фанни табиатшиносӣ.*

Суратгир: Г. ШОДИЕВА.

БАҲОРИ ОРМОНҲО...

Баҳори нозанин бо нафаси гарму форам ва таровати ба худ хос пас аз зимистони қаҳратуни бемисл, дар замони бемории ҷаҳонии коронавирус ба дили кас як навъ шодиву фараҳ ва умед бахшида фаро расид.

Баҳор чун оғози соли нав хотираҳои кӯҳнаро низ варақгардон мекунад. Беихтиёр симои шахсони ба дил наздике, ки то ба наздикӣ бо мо буданду имрӯз нестанд, ба ёд мерасанд, аз пеши назар мегузаранд. Ба Музаффараи чун худам мусофир, ҳар лаҳза ниёз дорам, Абдуллои худогоҳу бедордили чун бародар қадрдон, Сулаймони дарвешсифати шӯрида, ки дар кӯфта омаданаш як ҷаҳон хурсандӣ меовард ва янгаи Робияи дилбару дардошно, бародари ҳамхуну ҳамтану ба ҷон баробарамро бо пазмонӣ ёд мекунам.

Вақти вафоти янгаи Робия ман дар маъракаи азодории бародарам Абдуҷалил дар Варзик будам, дар маросими гуселашон иштирок надоштам. Чӣ илоҷ? Хости илоҳиро банда аз кучо донад? Агар не, аз падару модари 90 сола бебокона марг фарзанди онҳоро мерабуду дар айни пирӣ гирифтори ғаму кулфати бепоён мегардонд. Худоё сабр деҳ! Сабру тоқати волидайнамро зиёда гардон!

Оилаи мову акаи Шамсиддин дӯстиву бародарии якумра дорем. Ҳамроҳи хешу табор акаи Шамсиддин барои овардани келин Намангон рафта будааанд ва янгаи Робия бо шӯхӣ "Шуморо шавҳари ман рафта келин карда овардагӣ, шумо келини мо" мегуфтанд.

Ва дар ҳақиқат ҳам, мо он касро дар ғайбашон "ака" гуфта ном мебарем ва янгаро «янгаи Робия» мегӯем (зеро дар авлоди мо янгаҳо бисёранд ва ҳар як номи хоссаи худро доранд, масалан ман – "янгаи намангонӣ", Музаффараи худораҳматӣ "янгаи самарқандӣ", "янгаи хуфарӣ", "янгаи кенгузарӣ"...).

Акаи Шамсиддин ва шавҳарам дӯсту бародарони қаринанд, ки мислаш кам дида мешавад. Як пиёла чой бе якдигар аз гулӯяшон намегузарад. Дӯстиашон бе-ғараз, бетамаъ, самимӣ, муомила бетакаллуф, дӯстона, баъзан баҳсу талошҳо рӯйирост, беибо. Ҳатто дар гуфтани суханҳои сахт ҳам худдорӣ нест. Лекин ҷонҳо ба ҷонҳо пайваст, нифоқу ҷудоӣ нест, каме якдигарро набинанд, хумор мегирад, ба ҷустуҷӯ медароянд...

Ва оилаҳо ҳам ҳамин хел, янга, фарзандон, ба хусус, духтарону келинҳо ҳам моро шахсони ба дил наздик мепиндоранд, мо низ дар симои онҳо пайванду ҷигарбандони қарини худро мебинем. Сад афсӯс, янгаро, ки як хонадони ниҳоят калонро чун бонуи кордону корсоз сардорӣ мекарданд, дарди беамон бармаҳал аз байни мо рабуд.

Янгаи Робия солиёни зиёд дар мактаб чун муаллимаи болаёқати таърих ба шогирдон сабақ омӯхтанд. Шогирдонашон дар озмуну азназаргузарониҳои фаннӣ ширкат варзида, ҷойҳои баландро ишғол менамуданд. Худашон низ чун омӯзгори пешқадам дар аксари семинару конференсияҳои мактабу ноҳия ва вилоят фаъолияти хуб нишон медоданд. Меҳнати бисёрсолаашон бо унвонҳои "Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон", "Корманди шоистаи таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон" қадр карда шудааст. Ман ҳамчун ҳамкасбу ҳампеша ба фаъолияти омӯзгории янга баҳои баланд дода афзуданиям, ки маро ҷиҳати дигари ӯ ба ҳайрат меандохт. Ин зани шоистаи таъриф тавсиф модари дувоздаҳ фарзанд, кадбонуи як оилаи бузурги серомадурафт ва меҳмоннавоз чӣ гуна кору бори хонаву мактабу дигарро ба сомон мерасонд. Акаи Шамсиддин бо тақозои вазифа меҳмонҳои аз роҳи дур омадаро дар хона меҳмон карда, ҷойи хоб дода медан намешавад. Ба ҳамаи ин вақт ёфтан, дар вақти даркорӣ ба ҷойи кор ҳозир шудан осон набуд ва ин аз дасти на ҳама зан меомад. Албатта, дар оила барои янга як дасти ёридиҳанда, як мададрасони беминнат, посбони оила – хушдоман холаи Бибишарифа буданд.

Акаи Шамсиддин "ба пешонаи оча то нафаси охирин бо ҳарфи калон "Гаҳвора меҷунбонад» гуфта навишта шудагӣ" гӯён шӯхӣ мекарданд. Охир янга кӯдаки якуним моҳаро партофта ба кор баромада наметавонистанд.

...Ёди холаи Бибишарифа ба хайр, қабрашон пурнуру мунаввар бод, ки набераҳоро баробари янга парастириву тарбия карда, ба воя расониданд. Ин хизмати осону меҳнати сахл набуд.

Марбут ба ҳамин як воқеа ба ёдам расид. Боре кӯдаки хурдсол хархашаву гиря мекунад, аммо аз янга дарак нест. Тоқати кампир тоқ мешаваду кӯдакро бардошта ба мактаб мебарад. Дар мактаб шӯрои педагогӣ мегузашт. Директори мактаб шодравон Муслиҳиддинов – домоди холаи Бибишарифа маҷлис мекард. Кампир дарро мекушояду даромада кӯдакро болои миз гузошта, чанд сухани пасту баланд гуфта баромада мераванд. Ҳама механданд ва бо ҳамин маҷлис ба поён мерасад...

Акаи Шамсиддин аз корҳои майда-чуйдаи рӯзгор хабаре надоштанд. Мисли баъзеҳо фармонбардору дастёрашон ҳам набуд, ки бори рӯзгори янгаро каме сабук гардонад.

Бемуболиға, метавон гуфт, ки бобати ба ҳамин дараҷа расидан, соҳиби мартабаю обрӯи баланд шудани акаи Шамсиддин хизмати янга хеле калон буд.

Янгаи Робия чун духтари деҳот ба замин меҳри беандоза доштанд. Бо дастгирии шавҳару кӯмаки фарзандон хоҷагии фермерӣ ташкил намуда, боғ бунёд карданд. То ба мева даромадани дарахтон байни онҳо сабзавоту ғалладона ва хошоки чорво кишт намуданд. Вақтҳои солимӣ ва ҷӯш задани ғайраташон буд, бо янга дар пеши поликлиника вохӯрдем. Пас аз салому ҳолпурсӣ сабаби ба поликлиника омадани маро пурсиданд. Гуфтам, "каме тобам нест". Хандида: "Шумо аз меҳнати ҷисмонӣ дуред, барои ҳамин. Шуморо як бор ба боғ бурда ба кор андохта, дар офтоб сӯзондан даркор" – гуфта ҳазл карданд.

Янга чандин сол маслиҳатчии бонувони маҳаллаи Янги ҳаёт буданд. Дар тӯю маъракаҳо, азодориҳо маслиҳати муфиди худро дареғ намедоштанд. Ба ҷавонон дар бунёди оилаи мустаҳкам, эҳтиромӣ калонсолон, нигоҳубину тарбияи фарзанд намуна, ба занону духтарон дар ҳалли баъзе муаммову гиреҳҳои зиндагӣ дастгиру мададрасон буданд.

Оилаи онҳо дар заминаи муҳаббати тарафайн бунёд гардида буд. Қиссаи ишқу муҳаббат ва хонадоршавии онҳо худ як достон аст. Дар оила ҳурмату эҳтиром, ҳамдигарфаҳмӣ, дастгирии якдигар ва албатта, меҳру муҳаббат ҳукмрон буд.

Оилаи ҳавас карданӣ, ибрат гирифтанӣ. Парвардигор дар атои фарзанд ҳам онҳоро баробар дид: 6 писару 6 духтар, ҳама соҳиби маълумоти олӣ, ҳама соҳиби оилаву фарзанд, соҳиби касбу кор. Дар идораҳои бонуфузи давлатӣ кору фаъолият доранд, рӯзгори орому обод насибашон гаштааст. Фақат он модари меҳнатдӯсту боғайрат, мушфиқу меҳрубон, як умр заҳмат кашидаву роҳат надида нест, ки дар сояи давлати фарзандон ҳаёти осудаи пирӣ ронад, аз комёбиву бахти онҳо болад, шукрона кунад:

Сар ба девори лаҳад монд касе,
к-ӯ ҳама умр,
Баҳри роҳат нафасе пушт ба
девор намонд.

Дар зиндагӣ бахт бо ғам, васл бо ҳиҷрон, дидор бо видоъ баробар қадам мезанад.

Вақтҳои охир янга дардманду бемор шуданд. Акаи Шамсиддин вазифаи худро чун шавҳар ба дараҷаи аъло иҷро намуданд. Роҳ гаштани янга душвор буд, бо ароба ҳамсарашонро ба тавофи хонаи Худо бурданд. Фарзандон то аз дасташон омад ба духтурҳо муроҷиат карданд, вале ба дарди модар даво наёфтанд. Ба қавли акаи Шамсиддин "Ковид" дардро бадтар кард. Марги беамон янгаи меҳрубону мушфиқ, боғайрату меҳнатқарин, кадбонуи як оилаи калонро аз байни мо бурд.

Иноят ҶӮРАЕВА,
ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-425. Адади нашр 866, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.
Муҳаррири навбатдор: С. Бекназарова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 20.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.